АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА
МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ

ТДУ: 9 (575.1) ***Бо ҳуқуқи дастнавис***

ИЗАТОВ ЮСУФБЕК МИРАЛИЕВИЧ

АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII-ИБТИДОИ АСРИ XX

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих (6D020303 -
Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ омода гардидааст

Роҳбари илмӣ: **Пирмшоев Ҳайдаршо** - доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Муқарризони расмӣ: Мирзозода Тоҷиддин Мирзоалӣ - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Назаров Фахриддин Алланазарович - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқӣ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

Ҳимояи диссертатсия санаи 7 **январи соли 2026 13^{00}** дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute–history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи "_____соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси таърих **Мирзоев Ш.Ҷ.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Манбаъҳои хаттию ёдгориҳои моддӣ, ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҳар халқу миллатро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ инъикос менамоянд. Омӯзиш ва баррасии осори хаттӣ аз вазифаҳои муҳимми таърихнигории миллӣ буда, метавонад сафҳаҳои ноаёни таърихро кушояд.

Масоили муҳимми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX дар бисёр манбаъҳои хаттӣ инъикос ёфтааст. Бо такя ба ахбори онҳо метавон ин ва ё он масъаларо мавриди омӯзиш қарор дод.

Аз чунин манбаъҳои хаттӣ, ки масоили таърихии Бухороро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX инъикос менамоянд, «Туҳфату-л-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салатанати манғития»-и Аҳмади Дониш, «Туҳфаи шоҳӣ» ва «Таърихи салотини манғития»-и Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ, «Таърихи амирони манғити Бухоро» -и Мушрифи Бухороӣ, «Таърихи ҳумоюн»-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ, «Таърихи мирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ ва ғайра ҳисоб меёбанд.

Зумрае аз ин муаллифони манобеи хаттӣ аз хидматгузорони дарбори амирони манғитӣ ва чанде аз мардуми оддӣ буданд, ки мавқеи иҷтимоии онҳо дар таълифи рисолаҳояшон бетаъсир наемонад. Дар баробари осори муаррихони замон баррасии ёдоштҳо ва сафарномаҳои сайёҳони хориҷӣ низ басо муҳим аст.

Дар осори муаррихони дарборӣ воқеаҳои аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX бо ҳусни тавaҷҷуҳ ба ҳукуматдории амирони манғитӣ инъикос ёфтааст. Таърихнависони аз дигар қишри аҳолии замон масоили таърихиро ба таври ба худ хос зикр намудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии маълумоти онҳо дар муайян намудани ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX ниҳоят муҳим аст.

Маълум аст, ки осори боқигузоштаи муаррихон ба сифати маъхазҳои боэътимод дар маърази таҳлили бисёре аз муҳаққиқон қарор ёфтанд. Вале таҳқиқоти таърихнигорие, ки арзиши сарчашмавӣ ва нақши ҳар яке аз ин муаллифонро дар инъикоси воқеияти замон аз ҷиҳати илмӣ муайян карда тавонад, то кунун рӯйи кор наомадааст, ки ин худ нишондиҳандаи мубрамияти ин масъала ҳисоб меёбад. Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки омӯзиш ва баррасии ахбори чунин

маълумотҳои дасти аввал ва таҳқиқи осори муҳаққиқон роҷеъ ба ин масоил метавонад танҳо дар татбиқи усули муқоисавӣ, интиқодӣ, риояи талаботи ҳақиқатнигории таърихӣ бояд сурат гирифта, дар таърихнигорӣ нақши худро пайдо карда тавонад. Аз ин рӯ, мубрамияти инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар таърихнигории муосир то рафт бештар эҳсос мешавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Аморати Бухоро дар осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, чи тавре дар боло ишора рафт, то кунун ба таври нисбатан пурраи таъринигорӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки муаррихон нисбат ба он бетарафӣ зоҳир карда бошанд. Муҳаққиқон дар бораи аҳаммияти таърихии ин ва ё он асари таърихии мансуб ба асрҳои зикршуда мақолаҳо таҳия намудаанд. Масалан, олими шинохтаи тоҷик Абдулағанӣ Мирзоев «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Донишро аз асарҳои арзишманди таърихӣ дониста, онро соли 1963 ба хатти кириллӣ баргардон кардааст. Аммо ин муҳаққиқ дар муқаддимаи худ асосан дар хусуси нусхаҳои ёфтшудаи ин асар таҳқиқот анҷом дода, хусусиятҳои фарқунандаи онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст [25, с.5-12].

Ҷуразода Ҷамшед ва Нурулло Ғиёсов, ки «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Кариминагиро бо муқаддима ва тасҳеҳ бори нахуст соли 2017 аз форсӣ ба алифбои кириллӣ баргардон кардаанд, дар муқаддимаи худ бо номи «Вазъи сиёсии хонигарии Бухоро дар замони зуҳури хонадони манғития» қайд менамоянд, ки он «аввалин ва қадимтарин сарчашмаи таърихӣ роҷеъ ба салтанати сулолаи манғитиён дар Бухоро мебошад»[38, с.11].

Аҳмад Ҳоҷизода дар мақолаи худ аҳаммияти таърихии рисолаи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомиро мавриди таҳқиқ қарор дода, онро аз манбаъҳои муҳимми таърихӣ донистааст. Хусусан, қайд менамояд, ки «Туҳфаи шоҳӣ» шояд аз он сарчашмаҳои камназире бошад, ки мавзеъҳои Тоҷикистони имрӯза дар онҳо зикр ёфтаанд»[37, с.6]. Ҳамзамон, сабки баёни асар низ мавриди таҳқиқи ӯ қарор ёфта, дар ин бора аз ҷониби А. Ҳоҷизода ишора мешавад: «Сарфи назар аз калимаву таъбирҳои арабии дар нигоштаҳои адибону таърихнигорони гузашта маъмул, ки дар ин асар низ кам нестанд, Мирзо Абдулазими Сомӣ бо забони хеле суфтаву равони

адабӣ воқеаҳоро ба қалам медиҳад ва аз унсурҳои лаҳҷаи аҳли Бухоро низ истифода менамояд»[37, с.8].

Маълумоти қисме аз сарчашмаҳои таърихии муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аз ҷониби муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши ҳодисаҳои таърихии ин давра даст заданд, ба монанди Б. Искандаров[18.19], И.А. Стетсенко[33], А. Сухарева[34], асари дастаҷамъии «Таърихи халқи тоҷик»[22], таҳқиқотҳои А. Маҷлисов[24], Б. Ғафуров[16], Г. Тухтаметов[35], К.З. Хакимова[36], Б. Исмоилова[20], Ғ.Ғоибов[17], Ҳ. Пирумшоев[26,27,28,29,30], китоби бунёдии «Таърихи халқи тоҷик»[21] ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода шудаанд. Маслан, Ғ. Ғоибов роҷеъ ба лашкаркашии амир Насрулло ба Балх ва Ҳисору Кӯлоб ба ахбори «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухорӣ такя кардааст. Аз сабаби он ки Мушрифи Бухорои санаи ин ҳуҷуми Насруллоро дар асари худ дарҷ накардааст, Ғ.Ғоибов чунин хулоса овардааст, ки «Шояд ҳуҷуми мазкури амир Насрулло ба Ҳисору Кӯлоб бо кадом сабабе баъди соли 1842 сурат гирифта, Насрулло Абдукаримбийи девонбегиро, ки бародари Сӯфибийи мазкур буд, ҳокими Ҳисор таъин намуда буд»[17].

Инъикоси вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX -и Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро дар асарҳои як қатор муҳаққиқони замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла асарҳои «История Узбекской ССР»[23], «Таърихи халқи тоҷик»[22], таҳқиқоти Б. Ғафуров[16], Б. Искандаров[18], И.А. Стетсенко [33], А. Сухарева[34], А. Маҷлисов[24], Г. Тухтаметов[35], К.З. Хакимова[36], Б. Исмоилова[20], Ғ.Ғоибов[17], Ҳ. Пирумшоев[26,27,28,29,30], китоби бунёдии «История таджикского народа»[21] ва ғайраҳо инъикос ёфтааст.

Бобоҷон Ғафуров дар асарҳои худ «Тоҷикон» ва «Таърихи муахтасари халқи тоҷик» ба масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX таваҷҷуҳи хосса додааст. Дар ин давра, ки дар Бухоро намояндагони сулолаи манғитӣ ҳукмронӣ мекарданд, академик Б. Ғафуров онро бо сароҳият таҳқиқ карда, дар хусуси ба ҳокимият соҳиб шудани аввалин намояндаи ин хонадон чунин навиштааст: «Соли 1747, аз кушта шудани Нодиршоҳ дере нагузашта, Муҳаммадраҳимбӣ Абулфайзхонро бо ду писараш ба қатл расонид ва бо ҳимояти табақи ашроф ва руҳонӣ ба тахти хонии

Бухоро нишаста, дар соли 1753 ба силсилаи манғития асос гузошт»[16, с.208]. Минбаъд Б. Ғафуров мсоили сиёсӣ, ҷангҳои байни ҳокимон, ба сари қудрат расидани дигар намояндагони манғитӣ, сабабҳои ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна; аҳволи мардум, кишоварзӣ, андозситонӣ, ҳунармандиву савдо, ҷунбишҳои халқӣ ва сабабҳои сар задани онҳо ва дигар масоили таърихии марбут ба давраи зикршударо инъикос кардааст. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ дар замони ҳукмронии амирони манғитӣ аҳволи мардум ниҳоят вазнин буд ва ин пас аз ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ низ беҳтар нагардид. Хусусан, андозҳои сершумор аҳли меҳнатро ба дами ҳалок расонида буд[16, с.208]. Б. Ғафуров қайд менамояд, ки «Сабаби асосии шӯришҳое, ки тамоми бекигариҳои Бухороро фаро гирифтанд, ҳамин буд, ки андозу хироҷҳо бо усуслҳои ваҳшиёна ситонида мешуданд, миқдори бе ин ҳам зиёди онҳо рӯз ба рӯз меафзуд, ба андозҳои пештара андозҳои нав зам мегардиданд, ба замми андозҳои нави умумии аморат боз андозҳои маҳаллӣ илова мешуд, як андозро чанд бор меситониданд, амлокдорон барои фоидаи худ бисёр суистеъмол мекардад ва ғайраву ва ҳоказо»[16, с.208].

Б. Искандаров дар асари худ «Аз таърихи аморати Бухоро» масъалаҳои сиёсии Бухорои Шарқиро пас аз ҳамроҳ шудан ба аморати Бухоро, тарзи андозситонии аморати Бухоро, аҳволи мардуми меҳнаткаши Бухорои Шарқӣ, шӯришҳои халқӣ, хусусан Шӯриши Восеъ ва вазъи ноҳияҳои ғарбии Бадахшонро дар ҳайати аморати Бухоро инъикос кардааст. Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ то солҳои 70-уми асри XIX ноҳияҳои Бухороӣ Шарқӣ аз мулкҳои мустақил ва ниммустақил ба ҳисоб мерафт ва дар солҳои 70-90-уми асри XIX онҳо бо кӯмаки Русияи подшоҳӣ ба ҳокимияти амири Бухоро ҳамроҳ карда шуд[18, с.7]. Б. Искандаров дар асоси маълумотҳои бойгонӣ, асарҳои ёдоштиву сафарномаҳо ва мақолаҳои илмиву оммавӣ тарзи андозбандиву андозситонии Бухороро таҳқиқ карда, миқдори андозҳои аз мардум ситонидашударо муайян кардааст. Бино ба таҳқиқоти ӯ дар баробари андозҳое, ки аз заминҳои вақф, заминҳои амлок, мулкӣ ва ғайраҳо ситонида мешуд, аз навъҳои гуногуни чорво низ андозҳои гуногун талаб мекарданд. То соли 1903 аз панҷ шутур як буз ё мол, аз 40 то 120 чорво ва ё буз як чорво ва ё буз ва аз 120 то 200 буз ё чорво ду буз ва ё чорво ситонида мешуд[19, с.42]. Б. Искандаров андозҳои гарони солҳои 80-уми асри XIX –ро, ки аз ҷониби амлокдорони бекигариҳо бо дастури бек ва амир

ситонида мешуданд, муҷиби норозигии мардум ва сар задани ҷунбишҳои халқӣ дар Бухорои Шарқӣ донистааст. Бино ба таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ сабаби сар задани Шӯриши Восеъ дар бекигарии Балҷувон, ки аз калонтарин ҷунбишҳои халқии ин давра дар Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб меравад, андозҳои вазнини ҳукумати амирӣ буд. Муҳаққиқи дигари замони шӯравӣ А. Сухарева вазъи ҷуғрофиву табиӣ, шаҳрдорӣ, шумораи аҳолӣ, намояндагони адабиёт, таркиби этникии мардуми Бухоро, вазъи кишоварзӣ, илму маориф ва дигар масоили таърихии аморати Бухороро дар асрҳои XIX-XX дар асари худ «Бухара XIX-XX вв» инъикос кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки Бухоро яке аз шаҳрҳои қадима ва бузурги Осиёи Миёна буда, дар чандин асрҳо ҳамчун пойтахт дар таърихи умумии мардуми ин минтақа нақши бузург дошт[34, с.23]. Бино ба таҳқиқоти ӯ дар ин шаҳр ва дигар шаҳрҳои тобеи он ҳунармандӣ ва савдо вуҷуд дошт, ки бозори Бухоро аз калонтарин маркази савдо ба ҳисоб рафта, бо тарҳи махсус сохта шуда буд. А. Сухарева таркиби этникии мардуми Бухороро маврди таҳқиқ қарор додааст, ки тибқи он дар Бухоро мардуми тоҷик, турк, ӯзбек ва дигар қавму қабилаҳо сукунат доштанд[34, с.93]. Ҳамзамон, ӯ ба анъанаҳои мардумӣ ва фарҳанги динии мардуми Бухоро таваҷҷуҳи хосса додааст[34, с.287].

Муҳаққиқи замони шӯравӣ А. Маҷлисов оид ба вазъи кишоварзии Бухорои Шарқӣ дар асри XIX-ибтидои асри XX таҳқиқоти муҳиме анҷом додааст. Ӯ дар асари худ «Аграрные отнашение в Восточной Бухаре в XIX –начала XX в». масоили сиёсии Бухорои Шарқӣ, намудҳои заминҳои феодалӣ, заминҳои давлатӣ, заминҳои вақф, машғулиятҳои мардум, олотҳои меҳнат ва киштгардонии заминҳо, сиёсати андозситонии Бухоро ва даромади он аз шаҳру навоҳии Бухорои Шарқӣ, шӯру ошӯбҳои халқӣ дар Бухорои Шарқӣ ва дигар масоили таърихиро инъикос кардааст. Муҳаққиқи дигари ин давра Т. Г. Тухтаметов дар асари худ «Россия и Бухарский эмират в начале XX века» аз вазъи кишоварзию тиҷоратии аморати Бухоро ёдовар шуда, қайд менамояд, ки дар ҳаёти иқтисодии аморати Бухоро на боғдориву чорводорӣ, балки кишоварзӣ нақши бузург дошт. Бино ба таҳқиқоти ӯ заминҳои кишоварзии лалмӣ дар бисёр бекигариҳои аморат, хусусан Шаҳрисабз, бекигарии Китоб, ноҳияҳои ғарбии Бухоро ва ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистони имрӯза вуҷуд доштанд[35].

Масоили таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар ҷилди чоруми асари бунёдии «История таджикского народа» ба

таври васеъ инъикос ёфтааст. Дар ин асар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Осиёи Миёна, ба вижа аморати Бухоро, таърихи ба сари ҳокимият омадани амирони манғитӣ, масоили ҳунармандиву савдо, кишоварзию андозситонӣ, шаҳрсозиву меъморӣ, обёрӣ, ҳаёти илмиву адабии ин давра ва ғайраҳо, ҳамчунин вазъи таърихии шаҳру ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ ва Бадахшон таҳқиқ шудааст. Оид ба масоили тиҷорат ва савдо дар ин асар чунин қайд мегардад, ки ба ҳангоми ҳамроҳ шудани Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро муносибатҳои тиҷоратии онҳо дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошт. Дар қисми ғарбии вилоят, ба монанди Ҳисор, Қаратоғ, Деҳнав ва Қубодиён иқтисодиёт то андозае расид, ки хислатҳои тиҷоратиро гирифт. Аз ҳолати робитаҳои пулӣ далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар миёнаи асри XIX, яъне дар солҳои мустақил будани мулкҳои Бухорои Шарқӣ зарби сикка танҳо дар Ҳисор сурат мегирифт[21, с.842].

Профессор Ҳ. Пирумшоев дар соҳаҳои мухталифи масоили таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX таҳқиқотҳои муҳиме анҷом додааст. Хусусан, дар таҳқиқоти ӯ масоили таҳқиқоти муҳаққиқони пешазинқилобӣ дар бораи шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ дар охири асри XIX –ибтидои асри XX, муносибатҳои Русия ва Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII-миёнаи асри XIX дар осори муҳаққиқони рус, шӯриши Восеъ, таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ ва дигар масъалаҳои муҳими таърихӣ дар асоси манбаъҳои дасти аввал, маводи бойгонии муассисаҳои марказии собиқ ИҶШС ва дигар манбаъҳо мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Бино ба санади ӯ муносибатҳои тиҷоратии байни Осиёи Миёна, хусусан Хонигариҳои Хева ва Бухоро бо Русияи подшоҳӣ дар солҳои 50-уми асри XVIII ба мушоҳида мерасид[31, с.109]. Ҳамзамон, ӯ дар асари дигари худ «Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конца XIX–начала XX вв.» масоили мубрами таърихиву ҷуғрофии Бухорои Шарқӣ, ба монанди вазъи ҷуғрофии шаҳру ноҳияҳои алоҳида. вазъи ҳунармандию савдо, кишоварзию андозситонӣ, ҳаёти фарҳагию маданӣ, таркиби этникии мардуми ҳар як шаҳру ноҳияро дар осори муҳаққиқони пешазинқилоби мавриди баррасӣ қарор додааст. Бино ба таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ Кӯлоб яке аз шаҳрҳои машҳури Бухорои Шарқӣ буда, дар таърихи ин минтақа нақши муҳим бозидааст[26, с.28]. Ҳ. Пирумшоев қайд менамоянд, ки маълумотҳо дар бораи вазъи ҷуғрофии Кӯлоб ва маркази он дар адабиёти илмӣ солҳои 70-уми асри XIX пайдо шуданд[26, с.28].

Масоили таърихии ин шаҳр дар таҳқиқоти Ҳ. Пирумшоев васеъ инъикос шуда, муаллиф ахбори рисолаҳои илмии муҳаққиқони русро мавриди баррасӣ қарор дода, менигорад, ки «Дар нимаи аввали асри XIX Кӯлоб яке аз объектҳои васеи хонигарии Қуқанд ва ҳокимияти Қундуз гардид. Дар солҳои хукмронии хони Қуқанд Олимхон (1800-1809) ва Умархон (1809-1822) вилоятҳои кӯҳии Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб ба хонигарии Қуқанд ҳамроҳ карда шуданд. Ҳукмрони Қундуз Муродбек дар аввали солҳои 30-юми асри XIX Кӯлобро забт намуда, идораи онро ба ихтиёри бародараш дод. Дар Кӯлоб шӯриш сар зада, ҳокими охирини онро маҷбур сохт, ки баргардад. Муродбек шаҳрро ба хок яксон карда, қисме аз сокинони онро ба Хонаобод ронд»[26, с.30]. Профессор Ҳ. Пирумшоев оид ба шӯриши Восеъ ва таърихи омӯзиши он, ки ин ҷунбиши халқӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар Бухорои Шарқӣ дар бекигарии Балҷувон сар зада буд, таҳқиқоти муҳим анҷом дода, рафти он, сабабҳои сар задани шӯриш, соли ба вуқуъ омадан, оқибати шӯриш ва дигар паҳлуҳои онро матраҳ кардааст. Масалан, соли сар задани шӯриш, ки дар адабиёти илмӣ ба соли 1885 нисбат дода мешуд, муаллиф дар асоси далелҳои раднопазир ба исбот расонидааст, ки ин шӯриш на ин ки дар соли 1885, балки дар соли 1888 рух додааст. Бино ба таҳқиқоти ӯ шӯриши Восеъ тасодуфӣ ба амал наомада, дар натиҷаи зулми феодалӣ ва норозии мардум ба вуқуъ омадааст[27, с.15]. Ҳ. Пирумшоев дар асари дигари худ «Табли озодӣ дар аҳди бедодӣ» ба заминаҳои сар задани шӯриш диққати ҷиддӣ дода, қайд менамояд, баъди тасарруфи Осиёи Миёна аз ҷониби Русия низ аҳволи мардум беҳтар нашуда, ҳукумати подшоҳӣ Бухорои Шарқиро зӯран ба итоати худ дароварда, дар он ҷойҳо бекигариҳо таъсис дода, ки ҳокимони комилҳуқуқи минтақаҳои мухталиф ба ҳисоб мерафтанд ва вазифаи асосии онҳо ситонидани андозҳо ба амир буд: «Маълум аст, ки ҳаҷми андозҳою усулҳои ситонидани онҳо нишондиҳандаи равшани вазъи иҷтимоӣ, дараҷаи истисмори аҳли заҳмат буда, дар ҳама ҳолат ба тезутунд шудани зиддиятҳои иҷтимоӣ муносибати бевосита доранд. Шӯриши Восеъ низ аз ин ангезаи муайянкунанда ё омили асосӣ берун буда наметавонист. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи заминаву сабабҳои ин ҷунбиши мардумӣ ба маълумоти муҳаққиқони рус, ки худ бевосита амали ашхоси ҷамъкунандаи андозҳо ва қоидаи умумии андозситониро дар Бухорои Шарқӣ мушоҳида намуданд, истинод кардан лозим меояд»[28, с.44].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби муҳаққиони тоҷик, аз ҷумла Ҷуразода Ҷамшед доир ба мавзуи «Политическая история Бухарского эмирата во второй половине XVIII в. в исторических источниках», Бисабоат Исмоилова оид ба «Политическое и социально-экономическое положение Бухарского эмирата: Вторая пол. XVIII - середина XIX век» ва Гадоев Ғозӣ дар мавзуи «Освещение положения Бухарского эмирата конца XIX –начала XX веков в исторических трудах и литературных произведениях Садриддина Айни» таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додаанд. Ин рисолаҳо ҳам аз ҷиҳати хронологӣ, ҳам аз ҷиҳати мазмун аз мавзуи таҳқиқшаванда фарқияти калон дошта, ба мавзуи таҳқиқшаванда мувофиқат намекунанд.

Ҳамин тариқ, аморати Бухоро дар осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX то имрӯз мавриди омӯзиши таърихнигорӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, дараҷаи омӯзиши масъала дар таърихнигории миллӣ бори нахуст мавриди омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва баррасии маҷмӯӣ қарор мегирад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 дар мавзуи «Таърихи робитаҳои мутақобил миёни аҳолии муқимӣ ва кӯчии Осиёи Миёна дар асрҳои миёна ва давраи нав (сиёсат, иқтисод, фарҳанг)» ба иҷро расидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси маълумоти осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таърихи Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи онро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеаҳоро дар манобеи хаттӣ мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро муайян карда, маълумотҳои тоза дарёфтшударо ба доираҳои илмӣ ворид намояд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморем:

-дар асоси осори таърихӣ ва адабиёти илмӣ муайян намудани ҳаёту фаъолияти муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX ;

-таҳлили сохтор ва муайян намудани муҳтавои мероси муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX;

- инъикоси вазъи сиёсии аморат дар таълифоти муаррихони замон;

-мушаххас кардани нишондиҳандаҳои кишоварзӣ дар осори таърихнависони миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX;

-муайян намудани ҳунармандӣ ва савдо дар Бухорои миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX;

-баррасии тарзи андозситонӣ дар осори хаттӣ;

-мушаххас намудани юришҳои халқӣ дар адабиёти таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX ;

-муайян кардани вазъи фарҳангии аморати Бухоро дар сарчашмаҳоти таърихӣ.

Объекти таҳқиқот осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX мебошад, ки аз диди таҳлили илмии таърихнигорӣ баррасӣ мегарданд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот таҳлили муқоисавии маълумотҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX-и Бухоро дар осори муаррихони маҳаллӣ мебошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст, ки се марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи якум – солҳои 2019–2020-ро дар бар гирифта, дар ин марҳила интихоби роҳбари илмӣ ва тасдиқи мавзуи илмӣ дар шурои олимони Институт, инчунин ҷамъоварии маводи илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот сурат гирифт.

Марҳилаи дуюм – солҳои 2021–2022-ро фаро мегирад, ки дар ин марҳила доир ба мавзуи илмӣ ду боби рисола анҷом ёфта, ду мақолаи дигар дар маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расид.

Марҳилаи сеюм – солҳои 2023–2025-ро дар бар мегирад, ки дар ин марҳила таҳқиқи рисола пурра ба анҷом расонида шуда, хулосаи кори диссертатсионӣ ва таҳияи автореферти кор омода гардида, рисола расман ба ҳимоя пешниҳод гардид. Ҳамзамон, дар ин марҳила

якчанд мақолаи дигар дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва дигар маҷмуаҳо ба нашр расонида шуд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Барои анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои муҳими таҳқиқотӣ, аз ҷумла аз усули ҳақиқатнигории илмӣ - ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ, ҳамчунин маҷмӯи усулҳое, ба мисли назариявӣ-таърихӣ, масъалагузорӣ-солномавӣ, назариявӣ-муқоисавӣ муқоисавӣ–таърихӣ, бетарафӣ, таърихияти илмӣ ва усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ истифода намудааст. Дар асоси усули муқоисавӣ–таърихӣ масоили таърихӣ дар рисолаҳои таърихии дасти аввал анҷом дода шудааст. Тибқи усули масъалагузорӣ – солномавӣ чаҳорчӯби масоили замонии таҳқиқот муайян шуда, равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба дараҷаи инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX бахшида шудааст. Навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуқоти зерин баён мегардад:

- дар асоси ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ зиндагиномаи муаррихони нимаи дуюми XVIII-ибтидои асри XX баён гардид;

- сохтор ва муҳтавои сарчашмаҳои таърихии нимаи дуюми XVIII-ибтидои асри XX муайян шуданд;

-ахбори муаррихон оид ба вазъи сиёсии Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт;

-вазъи кишоварзии Бухоро аз рӯйи ахбори манбаъҳои хаттӣ баррасӣ гардид;

-ҳунармандӣ ва савдои Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX муайян шуданд;

-тарзи андозситонӣ ва шуришҳои халқӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ ва дигар таърихнависон таҳти омӯзиш қарор ёфтанд;

- вазъи фарҳангӣ ва шарту шароити таълим дар асарҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX мушаххас гардиданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- зимни таҳқиқот муайя гардид, ки осори муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX воқеаҳои таърихии аморати Бухороро инъикос карда, ҷиҳати омӯзиш ва баррасии масоили таърихии аморати Бухоро ниҳоят муҳиманд. Хусусан, вазъи сиёсӣ ва кишоварзии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX ба таври васеъ инъикос ёфтааст;

- маълум карда шуд, ки маълумот доир ба ҳунармандӣ ва савдо дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухороӣ ба таври умумӣ оварда шуда бошанд ҳам, вале ин масъаларо Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Н.Хаников, И. Логофет ва дигарон бештар тақвият бахшидаанд;

-пажуҳиш собит намуд, ки тарзи андозситонии замони салтанати амирони манғитӣ, дар маҷмуъ, дар рисолаҳои А. Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Мушрифи Бухороӣ ва асарҳои Садриддин Айнӣ, Н.Хаников, И. Логофет ва ғайраҳо возеҳан кушода шудаанд. Гарчанде ҷунбишҳои халқӣ дар осори муаррихони номбурда мавриди таҳлили нисбатан чашмрас қарор наёфта бошанд ҳам, онҳоро дигар манбаъҳо ва таҳқиқоти олимон пурра намуданд.

-мушаххас шуд, ки вазъи фарҳангии аморати Бухоро дар асарҳои А. Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Мушрифи Бухороӣ бо ҳусни таваҷҷӯҳ ба амирони манғитӣ зикр шудааст. Садриддин Айнӣ, Н.Хаников ва И. Логофет ҳақиқати ҳолро баён доштаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқот метавонанд таърихи халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX-и Бухоро ва дигар давлатҳои Осиёи Миёна пурра намуда, дар корҳои илмӣ - таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон оид ба инъикоси ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX-и Бухоро маълумоти иловагӣ пешниҳод намоянд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таълифи рисолаҳои илмӣ, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи асрҳои миёна» ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву

фарҳангии Бухорои нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли баъзе масъалаҳои илмии ҳодисаҳои таърихии асрҳои дарназардошташуда муфиданд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисосҳои 6D020300-Таърих, ихтисоси 6D020303- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар коркарди илмӣ ва инъикоси воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар баёни ба сари қудрат омадани амирони манғитӣ ва ҳукмронии онҳо дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX, инъикоси вазъи кишоварзиву ҳунармандӣ, андозситонию андозбандӣ, ҷунбишҳои халқӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва муайян намудани дараҷаи масоили таърихӣ дар манобеи хаттӣ зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2024-2026), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин конференсияҳои ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи № 4, аз 30 апрели 2025) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда (143 номгӯ) иборат буда, дар ҳаҷми 171 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, марҳилаҳои таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Инъикоси воқеаҳои сиёсии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX**» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб **«Маълумоти шарҳиҳолии муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX»** дар бораи муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX ва сохтору мазмуни асарҳои таърихии онҳо маълумот оварда шудааст. Аз ҷумла дар ин зербоб қайд мегардад, ки Ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, хусусан масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангю мадании аморати Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он дар осории хаттии муаррихони нимаи дуюми XVIII-ибтидои асри XX-и муаррихони маҳаллӣ ва ё муаррихони Бухоро инъикос ёфтааст. Ҳар як аз ин муаррихон ҳаводиси таърихиро аз нигоҳи худ дар рисолаҳояшон ба қалам додаанд. Бо вуҷуди ин, ахбори онҳо дар омӯзиши масоили зикршуда ниҳоят муҳим мебошад.

Яке аз чунин муаррихон Муҳаммадвафои Карминагӣ мебошад, ки ӯ аз нахустин муаррихи замони салтанати амирони манғитӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба ҳаёт ва рӯзгори ӯ маълумоти пурра дастрас нест. Аммо худи муаллиф дар асараш «Туҳфату-л-хонӣ» аз номи худ ва навиштани асараш ёдрас мешавад: «Баъд аз инкисор ва аҷзи роҳсипарӣ тариқаи саногустарӣ ва васиқаи дуруду маноқиб муҳаррири авроқи парешонхотирӣ Муҳаммадвафои Карминагӣ нигоштаи килки баёнро бар саҳоифи ароизи мутасаррифони асолиби фиросату камол ва мутасаддиёни қавонини киёсату афзол марқуму мастур медорад»[10, с.20]. Муҳаммадвафи Карминагӣ бо тахаллуси Қозӣ Вафо ва ё Мулло Вафо низ маъруф буд, аммо дар куҷо қозӣ будани ӯ маълум нест. Ба ҳар ҳол Муҳаммадвафои Карминагӣ аз

дарбориёни Муҳаммадраҳимбий буда, соли 1685 дар Кармина ба дунё омадааст. Соли 1758 ба навиштани таърихи Муҳаммадраҳибий машғул шуда, соли 1769[32, с.177] вафот мекунад. Пас аз вафоти Раҳимбий эътибори ӯ дар дарбор коста нашуда, ҳамзамон аз ҷониби Дониёл атолиқ ба навиштани таърихи салтанаташ дастур мегирад. Аммо марг ба ӯ имкони сабти таърихи пурраи Дониёлро даст намедиҳад. Дар бораи дигар паҳлуҳои ҳаёти ӯ маълумоти комил дастрас нест.

Аҳмад Махдум ибни Мирносир Сиддиқи Бухорой**,** машҳур ба Аҳмад Махдуми Дониш аз зумраи нависандагон, шоирон, муаррихон ва донишмандони машҳури тоҷик аст, ки соли 1827 дар Бухоро дар оилаи мулло Мирносир ба дунё омадааст. Садриддин Айнӣ дар «Ёдоштҳо»-и худ менависад, ки «Назар ба қавли Шарифҷон-махдум, бобоҳои Аҳмад-махдум аз тумани Пирмаст (дар тақсимоти ҳозира як қисми ин тумани собиқ ба райони Ғиждувон, қисми дигараш ба райони Шофирком ва боқимондааш ба райони Вобканд ҳамроҳ гардида, Пирмаст ба сифати номи район барҳам хӯрдааст) аз деҳаи Суғд будаанд, ки онҳо дар он ҷо деҳқонӣ мекардаанд»[1, с.283]. Падараш дар хурдсолӣ дар мактаби деҳаи худ хонда, баъд аз он ба Бухоро омада, мадрасаро хатм кардааст. Аммо ӯ дигар ба зодгоҳи худ барнагашта, дар Кӯчаи Сангини Бухоро ҳавличае хардида, дар масҷиди ҳамин деҳа имом мешавад.

«Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш аз манбаъҳои хаттии муҳими таърихии асри XIX ба ҳисоб рафта, муаллиф онро дар охири умри худ навиштааст. Аз сабаби он ки ин асар нотамом мондааст, Аҳмади Дониш ба ӯ ном нашузоштааст ва номи он минбаъд аз ҷониби муҳаққиқон вобаста ба ахбори дар он инъикосшуда гузошта шуда, ҳамзамон бо номҳои «Таърихча», «Таърихи манғития», «Таърихи амирони манғитӣ» низ маъруф аст.

«Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш асосан ба таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ бахшида шуда, ҳаводиси таърихиро аз давраи Дониёл атолиқ то давраи амир Абдулаҳад дар бар мегирад, инчунин ҳаёти сиёсиву иҷтимоии аморати Бухороро дар давраи зикршуда инъикос меёбад. Аз сабаби он ки муаллиф ҳамзамони воқеаҳои инъикосшуда мебошад, ин асар дар тасвири ҳаводиси таърихии асри XIX манбаи дасти аввал ба ҳисоб меравад. Тавре қайд кардем ин рисола аз ҷиҳати вақти таълиф охирин ва аз ҷиҳати талаботи ғоявӣ муҳимтарин асари

Аҳмади Дониш ба ҳисоб меравад. Мавқеи таърихии он дар афкори ҷамъиятии халқҳои Осиёи Миёна ишғол намудаи ин мутафаккири забардаст, маҳдудияти ғоявӣ ва зиддиятҳои фикрии ӯ дар ҳамин асари вай равшантар ифода ёфтаанд[14, с.12].

Мирзо Муҳаммад Абдулазим Сомии Бустонӣ аз муаррихони дигари асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Ӯ соли 1837 дар деҳаи Бустон, ки дар 40 км қисми шимолии Бухоро воқеъ аст, ба дунё омадааст[15, с.9]. Мирзо Абдулазими Сомӣ илмҳои замонашро дар Бухоро аз худ карда, пас аз таҳсил ба дарбори амири Бухоро Музаффар роҳ ёфта, дар ҷангҳои байни аморати Бухоро ва узбеки Шаҳрисабз ва ҷангҳои лашкари Бухоро бо Русияи подшоҳӣ ширкат карда, воқеанигори расмии лашкари Бухоро гардид[15, с.9]. Ӯ дар замони амир Музаффар ва Абдулаҳад вазифаи муншии дарборро ба уҳда дошт[39, с.16]. Мирзо Абдулазими Сомӣ бо сафирони аморати Бухоро ба Русия сафар карда, соли 1881 дар Санкт Петербург дар маросими тоҷгузории подшоҳи рус Александри III иштирок менамояд, аммо ҳангоми салтанати амир Абдулаҳад оҳиста –оҳиста эътибораш дар дарбор паст гардида, аз он ҷо ронда мешавад ва охирҳои умри худро бо азобу машаққат мегузаронад. Худи ӯ дар ин мавриди мегӯяд: «Баъд аз интиқол ва иртиҳоли он подшоҳи соҳибиқбол (амир Музаффар) ин бандаро даст аз амал кӯтоҳ гардида, аз адами ёварии бахт, аз хидмати саркори олӣ фориғ ёфта, дар гӯшаи гумномӣ хазида…»[8, с.21].

Мирзо Абдулазими Сомӣ роҷеъ ба таърихи ҳукмронии амирони манғитӣ ду асар таълиф намудааст, ки яке «Туҳфаи шоҳӣ» ва дигаре «Таърихи салотини манғития» ном доранд, ки асосан ба таърихи ҳукмронии амирони Бухоро тааллуқ доранд.

Мирзо Саидхоҷа Мушрифи Бухороӣ маъруф бо тахаллуси Мушрифи Бухороӣ аз зумраи таърихнависони нимаи дуюми асри XIX -ибтидои асри XX мебошад, ки бо эҳтимоли зиёд дар дарбори амир Абдулаҳад ва амир Олимхон хидмат намудааст. Мутаассифона, дар бораи дигар паҳлӯҳои ҳаёти ӯ, аз ҷумла соли таваллуд, вазъи оилавӣ, касбу кор, таҳсил ва соли вафоташ маълумот дастрас нест. Ягона ёдоште, ки номи ӯро то имрӯз боқӣ мондааст, асари таърихиаш «Таърихи амирони манғити Бухоро» мебошад. Муаллиф дар ин рисола номи худро зикр кардааст.

«Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ ҳаводиси таърихиро аз замони қадим, хусусан аз давраи пайдоиши ҳазрати Одам (алайҳиссалом) то давраи ҳукмронии охирин амири

манғит- амир Саид Олимхон дар худ инъикос карда, дар як китоб гирдоварӣ шудаанд. Аз ин китоб як нусха ба мо маълум шуд, ки дар Маркази меросӣ хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти № 2354/4 нигаҳдорӣ мешавад. Эҳтимол меравад, ки ин нусха дастхати худи Мушрифи Бухороӣ аст.

Ҳамзамон дар ин зербоб дар бораи Садриддин Айнӣ ва асарҳои таърихии ӯ низ маълумот оварда шудааст. Махсусан, қайд мегардад, ки аз зумраи асарҳои таърихии Садриддин Айнӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» мебошад. Ин асар ҳаводиси таърихии аморати Бухороро дар замони ҳукмронии амирони манғитӣ, хусусан аз замони ба сари ҳокимият омадани аввалин намояндаи он Муҳаммадраҳимхон то давраи ҳукумронии охирин амири ин хонадон Олимхон ба қалам додааст.

Муаллиф дар муқаддимаи ин асар аз ҷумла қайд менамояд, ки «Хонандагони гиромро пинҳон ва пушида мабод, ки мураттиби ин авроқ, дер боз дар бораи таърихи амирони манғитияи Бухоро татаббуъ ва ҷустуҷӯе дошт. Дар соли 1339 моҳи муҳаррам (сентябри 1920-уми мелодӣ) ба муносибати Инқилоби Кабири Бухоро ба воситаи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» порча - порча нашр карда шуд. Чун маркази шуъбаи Нашриёти давлатии ҷумҳурияти Бухоро ва Вазорати маорифи Бухоро ҷамъ ва тадвини ин авроқи парешонро хоҳиш намуд, дигарбора хеле сайъ ва кӯшиш ба кор бурда, бо ҳакку ислоҳ ва бо илова ва тафсили баъзе маворид ва вақоеъ ва таъйини манбаъ ва маъхазҳо дар қайди китобат кашида шуд»[2, с.6].

Ҳамин тариқ, осори муаллифони зикрашон дар боло рафта, чун манбаъҳои хаттии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар омӯзиши ҳаводиси таърихии Бухоро ниҳоят муҳим буда, омӯзиш ва баррасии маълумоти дар онҳо ҷойдошта, метавонанд бисёре аз сафҳаҳои норавшани таърихро кушоянд.

Зербоби дуюми боби якум **«Нигоҳи муқоисавӣ ба дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии аморати Бухоро»** унвон дорад. Дар ин зербоб масоили ба сари ҳокимият омадани хонадони манғития, ҳукматдории онҳо ва дигар масоили сиёсии ин давра дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос мешавад. Қайд мегардад, ки Вазъи сиёсиву иҷтимоии Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX, яъне замони салтанати амирони манғитӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос ёфтааст. Муҳаммадвафои Карминагӣ, ки аз таърихнависони дарбори Раҳимбий буд, дар асари худ «Туҳфату-л-хонӣ» таърихи Бухороро дар замони салтанати Муҳаммад Раҳимбий инъикос кардааст. Дар ин

асар замони салтанати Абулфайзхон, сабабҳои ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Бухоро, роҳ ёфтани Муҳаммад Раҳимбий ба хидмати Нодиршоҳ, ба сари ҳокимияти Бухоро омадани ӯ ва дигар масоили таърихӣ ба таври васеъ қайд мегардад.

Дар асари «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Олимхоҷа ибни Саидхоҷа Муширифи Бухороӣ, ки тавре зикр кардем дар бораи таърихи амирони манғитӣ аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва ба хотири инъикоси таърихи амирони манғитӣ таълиф шудааст, замони салтанати Муҳаммад Раҳимбий зикр нашуда, ҳаводиси таърихии ин замон дар ин рисола аз замони ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Шоҳмурод оғоз мешавад. Муширифи Бухороӣ дар охири асараш ишора менамояд, ки ӯ таърихи амирони манғитиро аз замони Дониёл атолиқ оғоз кардааст: «Ахбори подшоҳони Бухорои шариф аз тираи манғити Бухоро, ки салтанат карданд, аз Донёл-оталиқ то амир Олимхон, ки ҳафт нафар шоҳӣ карданд... »[11, с.589б]. Яъне, муаллиф Дониёл атолиқро нахустин шоҳи манғитӣ зикр кардааст. Мутаассифона, дар нусхае, ки мо дастрас намудем, сафҳаҳои дар хусуси ҳукмронии Дониёл бахшидашуда аз китоб канда шудаанд.

Донишманд, мунаҷҷим ва таърихнависи дигари тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш, ки ӯ низ асаре бо номи «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» таълиф намуда ва дар он таърихи ҳукмронии амирони манғитиро инъикос кардааст, ба монанди Муширифи Бухороӣ заминаҳои ба сари ҳокимият омадани сулолаи манғития ва ҳукмронии Муҳаммад Раҳимхонро дар Бухоро зикр накардааст. Тибқи ахбори дигар манбаъҳо нахустин саромади сулолаи манғития Муҳаммад Раҳимбий мебошад, ки тасдиқи илмии худро ёфтааст. Пас, суоле ба миён меояд, ки чаро Муширифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш, ки маҳз ба навиштани таърихи амирони манғитӣ машғул шудаанд, аз Муҳаммад Раҳимбий ёдовар нагаштанд. Эҳтимол меравад, ки Муширифи Бухороӣ ва Аҳмади Дониш аз ин воқеа бохабар буданду, ба хотири он ки Раҳимбий падари Дониёл набудаааст, аз ин сабаб аз зикри салтанати ӯ худдорӣ намудаанд.

Аз натиҷаи омӯзиши манобеи хаттӣ натиҷагирӣ карда шуд, Шоҳмурод бо риёкориҳои худ таваҷҷуҳи бисёр аз уламои динӣ ва мардумиро ба худ ҷалб карда буд ва баробари ба сари ҳокимияти Бухоро омаданаш ба хотири аз байн бурдани норозигиҳои мардум, ки дар вақти ҳукмронии падараш сар зада буданд, ба корҳои шаръӣ машғул шуда, ба ин васила мардумро ором намуд. Ҳамчунин, дар

корҳои дохилии кишвар ислоҳот ворид карда, андозҳои шаръиро (ба ғайр аз хироҷ ва закот) бекор кард. Деҳқононро як дараҷа аз зиёдатҳои халос карда, хироҷ ва молиёти подшоҳиро низ аз деҳқон ба ҳадди ақал ситонида, дар зироат ба хубӣ ёрӣ медод[2, с.16]. Аммо ба ивази ин андози аз шахсони ғайримусулмон бударо хеле зиёд кард[16, с.92].

Дар ин зербоб масоили сиёсии давраи манғития дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ дар замони салтанати ҳамаи амирони манғитӣ ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Дар давраи ҳукмронии амир Олимхон соли 1910 дар натиҷаи баҳсҳои шиаву сунӣ дар мактабҳои ҷараёни ислоҳотхоҳон- ҷавонбухороиён ба вуҷуд омаданд, ки мехостанд дар мамлкат ислоҳти ҷиддӣ ворид шавад. Бинобар ин онҳо аввалин маротиба соли 1912 рӯзномаи худро таъсис дода, дар он ҳукумати амириро танқид карданд. Гарчанде ки фаъолияти ин рӯзнома бо иҷозати ҳукумати Руссия ба фаъолият оғоз карда бошад ҳам, соли 1914 ба ҳукумати Бухоро дастур дод, ки фаъолияти рӯзномаро қатъ намояд. Ҳамзамон дар ин сол аз ҳукумати Бухоро талаб кард, ки дар Бухоро ислоҳот гузаронад. Ҳукумати Бухоро ин амрро иҷро карда, дар хусуси ислоҳот фармон бароварда, аммо бо сабаби иҷро нашудани бандҳои он ва чандон қаноатбахш набудани бандҳои он «намояндагони императорӣ ба иҷбори афкори умумия ё барои дигар мақсад дар моҳи раҷаби 1332 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба 1914 мелодӣ) ба ҳукумати Бухоро лоиҳае тақдим карда, иҷрояшро ба тарики қатъӣ талаб намуданд»[2, с.150].

Ҳамин тариқ, инъикоси таърихи Бухоро дар таълифоти таърихии муаррихони дарбор нисбатан васеъ инъикос ёфита бошад ҳам, вале таваҷҷуҳи муаллифон ба амирони манғитӣ равшан эҳсос мегардад. Ин гурӯҳи муаллифон гарчанде қисме аз масъалаҳоро ба ҳақиқат наздик инъикос карда бошанд ҳам, дар маҷмуъ воқеаҳоро ба таври нисбатан фишурда ва қисми дигарашонро то андозае хилофи воқеияти замон офаридаанд. Вале дар маҷмуъ рисолаҳои онҳо дар инъкиоси таърихи Бухоро, хусусан масоили сиёсии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX манбаи муҳим ва арзишманд ба ҳисоб мераванд.

Боби дуюми диссертатсия **«Инъикоси вазъи иқтисодии аморати Бухоро дар осори муаррихони маҳаллӣ»** унвон дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **«Баррасии вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ»** мебошад. Дар ин

зербоб зикр мегардад, ки Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти хоҷагии мардуми Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX буда, омӯзиш ва баррасии он дар манобеи таърихӣ аз масъалаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аммо вазъи кишоварзии замони ҳукмронии Муҳаммадраҳимбӣ ва Дониёл атолиқ дар сарчашмаҳои таърихии дасти аввали мансуб ба ин давра, ба монанди «Туҳфату-л-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития»-и Аҳмади Дониш, «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ мушаххас зикр нашудааст. Бо вуҷуди ин, маълумот дар осори Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ аз худ боқигузошта дар хусуси андозҳои замони Дониёл, аз ҷумла хироҷ, закот ва дигар навъҳои он, ки дар ин масъала поёнтар ишора мешавад, бармеояд, ки шуғли асосии мардум дар ин давра кишоварзӣ, ғаллакорӣ, боғдорию чорводорӣ ҳисоб меёфт. Садриддин Айнӣ бо дарназардошти замони салтанати Шоҳмурод мефармояд: «Умаро ва сарони сипоҳ ба унвони амлок ва танхоҳ қитъа-қитъа заминҳои зироатро соҳиб шуда, ба корандагон анвои зачр ва зулмро раво медиданд. Ба ин сабаб мояи ҳаёти мамлакат, ки иборат аз зироат аст, тамом мухтал шуда, мардумро ҳамеша як қаҳту ғалои умумӣ таҳдид мекард»[2, с.15]. Аз ин диди муаррихони зикршуда бармеояд, ки дар замони салтанати Дониёл атолиқ ва амир Шоҳмурод мардум ба кишту кори заминҳо машғул шуда, дар онҳо ҷав, гандум ва дигар навъҳои зироату ғаладонагиҳо кишт мекарданд.

Садриддин Айнӣ бо ишора ба замони ҳукмронии Музаффар ва Абдулаҳад низ қайд менамояд, ки «...заминҳои зироат ва ахзи закоти турук ва шавореъ як ранги тороҷ ва ярморо гирифт. Бинобар як таомули куҳна аз ҳосилоти заминҳои мамлукаи султонӣ (аксар заминҳои Бухоро аз ҳамин қисм аст) аз даҳ чаҳор, яъне аз сад чиҳил ба ҳисоби хазина ситонида мешуд. Дар аҳди Абдулаҳад ҳамин таомул расман ва суратан ҷорӣ буд»[2, с.139]. Мушрифи Бухороӣ ва Садриддин Айнӣ ҳарчанд дар ин масъала маълумоти муфассал надодаанд, вале он чӣ овардаанд метавонад вазъи кишоварзӣ ва аҳволи кишоварзонро маълум намоянд. Дар такя ба далелҳои пешовардаи муаллифон натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар давраи Музаффар ва амир Абдулаҳад нисбат ба дигар даврaҳои салтанати амирони манғитӣ вазъи кишоварзон дар дараҷаи мушкил

қарор дошт. Андозҳои дар ин давра ҷорӣ шуда аз ҳосили ба даст овардаи деҳқон зиёдтар буд. Аз ин рӯ, бисёри деҳқонон аз кишоварзӣ даст кашида, ба дигар корҳо машғул шуданд. Бо вуҷуди ин, дар ин давра дар заминҳои атрофи Бухоро, Ҳисор, Водии Вахш ва дигар минтақаҳо навъҳои гуногуни ғалладонагӣ, ба монанди гандум, ҷав, зағир ва ғайраҳо кишт карда шуда, мардум ба обчакорӣ ва полезӣ низ машғул мешуданд.

Сайёҳ ва корманди низомии рус Д.И.Логофет қайд менамояд, ки пуштакуҳҳои Вахшу Ҳисор барои коридани гандуму ҷав мусоид буда, ки дар кишти он ба обёрии сунъӣ ҳоҷат нест, зеро барои сабзиш ва пухта расидани онҳо оби борон кифоят мекунад[7, с.85]. Ҳамзамон, ӯ аз киштукори зағир, пахта, ҷуворимака ва дигар навъҳои зироату ғаладонагиҳо дарак додааст, ки дар моҳи сентябр ҷамъоварӣ мешаванд[7, с.85]. Тибқи маълумоти ӯ дар кишти заминҳо аз навъи пулуге (омоч) истифода мебаранд, ки аз даврaҳои Ошуру Бобул маъмул аст. Ин ахбори ӯро муаллифи дигари рус Т.Н. Бурнашев то дараҷае тасдиқ карда, мефармояд, ки дар водии Ҳисор шолӣ, пахта, тамоку, бангдона кишт карда мешуданд, аммо кишти пахта барои мардуми Бухоро яке аз масъалаҳои муҳими саноатӣ ба ҳисоб мерафт[5, с.76-77]. Шарқшиноси рус Н. В. Хаников, ки соли 1841 ба Бухоро омада буда, дар хусуси омода шудани нон дар Бухоро аз панҷ навъи ғаладонагиҳо ишора менамояд: «Дар Бухоро нонро аз 5 навъи ғаладонагиҳо: гандум, арзани сорочинӣ, ҷав, арзан ва ҷугорӣ омода мекунанд»[13, с.121]. С. Айнӣ вобаста ба солҳои ҳукмронии амир Олимхон қайд менамояд, ки «...ҳавлиҳои хуби Бухоро, дуконҳои хушиҷора, боғҳои маъмури атрофи шаҳр ва заминҳои ҳосилхези бисёре ба дасти маъмурин даромад»[2, с.35]. Яъне, аз ин мазмун бармеояд, ки дар ибтидои асри XX мансабдорон бо истифода аз мавқеи худ заминҳои ҳосилхезро аз дасти деҳқонон ба ҳар васила кашида мегирифтанд. Ин воқеа метавонист бо иҷозати ҳоким ва ё қозӣ сурат гирад.

Ҳамин тариқ, дар асарҳои таърихии Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба ҳаёти кишоварзии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX ба таври умумӣ ба ин масъала ишора кардаанд, ки дар маҷмуъ бо дигар маъхазҳо вазъик кишоварзӣ то андозае инъикоси худро ёфтааст. Муаллифон бештар ба масоили сиёсӣ рӯ оварда, бо вуҷуди он аз маълумоти онҳо бармеояд, ки вазъи кишоварзии аморати Бухороро хеле хуб дарк мекарданд. Масоили

мазкур дар асарҳои Н. Хаников ва Д. Логофет бештар маълумоти А. Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва дигаронро тақвият мебахшидаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Ҳунармандӣ ва савдо дар Бухорои миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX дар осори муаррихон»** такид мегардад, Нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX мардуми Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он дар баробари кишоварзиву боғдорӣ ба ҳунармандӣ ва савдо низ машғул буданд. Аммо дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ маълумот аз машғулияти аҳолии Бухоро ба касбу ҳунар хеле кам ба назар мерасад. Содиқхоҷаи Гулшанӣ бошад, дар рисолаи худ гоҳе аз ин масоил ёдовар шудааст. Ӯ дар хусуси бофандагии мардуми амлокдори вилояти Қаршӣ чунин мефармояд: «Аҳолии он ҷо даст аз зироат бардоштанд ва бо санъати пашминабофӣ иштиғол намуданд. Аз ин ҳунар касби маош менамоянд. Аксари онҳо ғалладоранд. Ҳар қадар ашёи пашмина ва хусусан гилемча миқдоре, ки аз вилояти Қаршӣ ба соири вилоёт ҳамлу нақл мешавад, ҳамаи онҳо дар он ҷо ба ҳам мерасад»[9, с.93]. Тибқи ахбори Гулшанӣ аҳолии Ҳисору Қаратоғ ба илми саноат машғул буда, ба алочабофӣ, кордсозӣ ва муҳраканӣ маъруфанд, ки ин ҳунари онҳо забонзадаи аҳли олам шудааст[9, с.126]. Содиқхоҷаи Гулшанӣ аз касбу кори заршӯӣ дар водии Вахш, Кангурт ва Ёхсуи Ховалинг ёдовар мешавад, вале дар хусуси ҳунармандии худи шаҳри Бухоро ишора накардааст. Садриддин Айнӣ ҳарчанд дар асарҳои таърихии худ, ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» дар ин масоил тамоман ишора накарда бошад ҳам, аммо дар асари дигари худ «Ёдоштҳо» аҳволи баъзе аз устоҳо ва ҳунармандонро равшан нишон додааст, ки ба ҳунарҳои дастӣ, дуконбофӣ, дуредгарӣ, чӯбтарошӣ ва кандакорӣ, чархиосиётарошӣ, косибӣ ва ғайраҳо машғул буданд. Бино ба ахбори ӯ дар деҳаи Маҳаллаи Болои Бухоро саноати ҳунармандӣ қариб, ки вуҷуд надошта, косибон танҳо куҳнадӯзон буданд: «Дар ин деҳа,- менависад муаллиф, - саноати ҳунармандӣ гӯё ҳеҷ набуд, аз косибон танҳо куҳнадӯзон буданд, ки онҳо ҳам монанди худ ба побараҳнагон хизмат мекарданд. Дар маркази деҳа - дар Деҳнави Абдуллоҷон тагламадӯзон - касоне, ки ба соқи мӯзаи куҳна таг ва рӯй мебанданд, бошанд ҳам, дар инҳисор — монополияи тагламаҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон меҳӯрданд»[1, с.10]. Бино ба ахбори Садриддин Айнӣ дар аввали ҳукмронии давраи манғитиён тиҷорат ва саноати ҳунармандӣ қариб вуҷуд надошт: «Дар давраи

Аштархониён тиҷорат ва саноати ҳунармандӣ қариб тамоман барҳам хӯрда буд, сарой ва тиҷоратхонаҳои вақф аз даромаддиҳӣ баромада буданд. Ин харобӣ дар аввалҳои давраи манғитиён низ давом намуд»[1, с.176]. Ахбори Садриддин Айнӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳунармандӣ дар аморати Бухоро дар сатҳи паст қарор дошт. Т.С. Бурнашев ва М. Бекчурин аз касби бофандагии мардуми Бухоро ва деҳаҳои он хабар додаанд. Хусусан, Бекчурин, ки соли 1781 ба Бухоро омада буд, менависад, ки «дар Бухоро фабрикаҳои калон набуда, фабрикаҳои хурди матоъҳои абрешиму пахтагӣ вуҷуд доранд, ки ҳунармандон дар хонаҳои худ ба бофандагӣ машғул мешаванд» [16, с.108]. Сайёҳи хориҷӣ Е. Мейендорф, ки соли 1820 ба Бухоро омада буд, дар ин масоил назари дигар дорад: «Тоҷикон коргар ва меҳнатдӯстанд ва ба пешаҳои гуногун қобилияти зиёде доранд: Онҳо ҳам тоҷир, ҳам ҳунарманд ва ҳам деҳқонанд: ҳаёти бодиянишинӣ барояшон ягон фараҳмандӣ намебахшад» [16, с.109].

Масоили ҳунармандии мардуми Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он дар нимаи дуюми асри XVIII –ибтидои асри XX ҳарчанд дар манобеи хаттии дасти аввали муаррихони форсизабон чандон воқеъбинона ва васеъ инъикос наёфта бошад ҳам, ахбори парокандаи онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки дар аморати Бухоро навъҳои гуногуни ҳунармандӣ мавҷуд буд. Ғайр аз ин, қисми зиёди аҳолии шаҳрҳоро косибон ва тоҷирон ташкил мекарданд. Хусусан, дар Бухоро, ки аз калонтарин шаҳрҳои он давра дар Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт, бисёр ҳунармандон кору фаъолият мекарданд. Маҳсули ҳунари ҳунармандони он на танҳо ба аҳолии худи Бухоро, балки ба дигар шаҳру деҳаҳо низ интиқол меёфт. Аз ҷониби дигар васеъ паҳн шудани маҳсули ҳунармандони Бухоро дар он буд, ки шаҳри Бухоро дар маркази роҳи корвонгарди савдои Осиёи Миёна бо Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Руссия қарор дошт. Бинобар ин, ҳунармандон кӯшиш мекарданд, ки молҳои босифат ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори хориҷиро истеҳсол намоянд. Аз ин рӯ, дар Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он мардум дар баробари хоҷагидориву деҳқонӣ ба дуредгарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, дузандагӣ, бофандагӣ, табоҳӣ, косибӣ, заршӯӣ, рехтагарӣ, кандакорӣ, алочабофӣ, кордсозӣ, қуфлсозӣ, муҳраканӣ ва ғайраҳо машғул буданд. Дар асоси ин ҳунарҳо воситаҳои рӯзгор, ба монанди дег, табар, теша, корд, ороишоти занона, либос, қолин, сӯзан, зарфҳои обгирӣ ва дигар лавозимотҳои лозима сохта шуда, дигар корҳои зебу зинат, пухутпази хӯрокҳои гуногун ва кандакориву рангуборкунии қасру

хонаҳо ва ғайраҳо анҷом дода мешуд. Дар шаҳру навоҳии аморати Бухоро, чӣ тоҷирони калон ва чӣ тоҷирони хурду дукондорон аз ҷониби амалдорони амир мавриди истисмор қарор мегирифтанд. Андозҳои гарон ва ришваву судхӯрии ҳокимон вазъияти савдогаронро хароб мекард. Ғайр аз ин, дар роҳҳо низ амният пурра таъмин набуд. Ғоратгарон ҳар вақт метавонистанд ба молу ҷони савдогарон таҳдид кунанд. Аз ин рӯ, муносибатҳои иқтисодии Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Ҳисор, Деҳнав, Кӯлоб, Балҷвон, Қурғонтеппа, Қубодиён, Дарвоз, Қаротегин, инчунин ноҳияҳои Бадахшон ба хонигариҳои Қуқанд ва Бухоро то давраи истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русия хеле суст буд[24, с.212]. Пас аз ин, Русияи подшоҳӣ бо мақсади манфиатҳои капиталистии худ ва вусъат додани муносибатҳои тиҷоратӣ, хусусан ҷалби шаҳру ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ ба тиҷорати беруна як қатор роҳҳо сохта, барои амнияти онҳо чораҳо андешид. Аз ҷумла, соли 1900 аз Тирмиз то Кӯлоб роҳи мошингард сохт[24, с.212], ки ин ба рушди муносибатҳои иқисодии минтақа бетаъсир намонд.

Ҳамин тариқ, масоили ҳунармандӣ ва савдо дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ, хусусан асарҳои А. Дониш, С. Айнӣ, С. Гулшанӣ, Н. Хаников ва Д. Логофет бештар инъикос ёфтааст, ки ахбори онҳо ба ҳам монанд ва ба ҳақиқат наздиканд. Аз омӯзиши ин манбаъҳо натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳунармандӣ ва савдо дар нимаи дуюми асри XVIII дар сатҳи паст қарор дошта, пас аз ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ва сохта ба истифода додани роҳи оҳан ба Осиёи Миёна тиҷорати дохилӣ ва берунӣ суръати тоза гирифта, ҳунармадӣ то андозае рушд кард.

Боби сеюми диссертатсия **«Баррасии вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюми диссертатсия «**Инъикоси тарзи андозситонӣ дар аморати Бухоро**» буда, дар он таъкид мешавад, ки масоили андозбандиву андозситонии давраи амирони манғитӣ дар манобеи хаттӣ то андозае ишора шудаанд. Аҳмади Дониш ҳарчанд дар мавриди андозҳои замони салтанати Муҳаммадраҳимхон ишора наменамояд, аммо дар асари худ “Рисола ё мухтасари аз таърихи салтанати хонадони манғития” аз якчанд андозҳои замони ҳукмронии Дониёл, ки аз мардум ситонида мешуданд, ба монанди аминона, ҳаққи тарозу, никоҳона, муҳрона ва миқдори онҳо ёдовар мешавад. Мушрифи Бухороӣ дар бораи яке аз

навъҳои андозҳои замони ҳукмронии Шоҳмурод - ҷизя ишора менамояд, ки нисбат ба мардуми Марв, ки зимни лашкаркашии Шоҳмурод аз Марв ба Бухоро муҳоҷир шудаанд, таъин намуданд: «Бинобар он шоҳ ба уламо руҷуъ карданд, уламо фармуданд, ки уламои салаф ҳукм ба куфри эътизолӣ кардаанд, ки агар эътизолиён дар Бухоро хоҳанд, ки истиқомат созанд, бояд ки ҷизя бидиҳанд ва илло аз Бухоро бояд, ки бираванд. Бинобар он подшоҳ ҳукм фармуданд, ки бояд марвиён аз Бухоро раванд ва агар хоҳанд, ки бошанд, ҷизя бидиҳанд ва дар ин боб марвиён чанд рӯзе муҳлат гирифтанд»[11, с.591а]. Аз ин ахбори кӯтоҳи Мушрифи Бухороӣ бармеояд, ки дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод андози ҷизя аз мардуми куффор ва ё ғайримазҳаб ситонида мешуд, аммо меъёри он дар сарчашма зикр нашудааст.

Дигар муаррихони давраи манғития, ба монанди Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ масоили андозбандиву андозситонии замони салатанати Ҳайдар ва Насруллоро инъикос накардаанд. Муҳаққиқ ва шарқшиноси рус Н. Ханыков, ки соли 1841 ба Бухоро сарфар карда буд, менависад, ки: «Оид ба шумораи хироҷҳои ситонидашуда мо чизе гуфта наметавонем, аммо ба маълумоти ба даст овардаи мо аз 10 батман нон, кадом намуде, ки набошад, 3 ададаш ба фоидаи хазина, аз як таноб боғ 18 танга, аз як таноб юнучқа шаш танга ситонида мешавад»[13, с.119]. С. Айнӣ бо ишора ба замони салтанати Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ чунин менигорад: «Дар замонҳои собиқ роҳи мадохили ҳукумати Бухоро мунҳасир буд, ба хироҷ ва ушри заминҳои зироат, закоти савоим закоти молҳои тиҷоратӣ ва амволи луката, яъне молҳои беҳисоб ё беворис... » [2, с.109]

Аз таҳқиқ ва омӯзиши дигар манбаъҳои илмӣ бармеояд, ки дар давраи Ҳайдар дар баробари андозҳое, ки дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод вуҷуд доштанд, андозҳои иловагӣ ворид карда шуд. Аз ҷумла, тибқи таҳқиқоти Б. Ғафуров молиёт ва хироҷҳои бисёр, монанди қушпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, яксарӣ, чӯбпулӣ, миробона, кавсан ва ғайраҳо дубора ҷорӣ гардида, бори гурӯҳҳои истеҳсолкунандаро вазнинтар намуданд[16, с.96]. Ин андозҳо дар давраи Насруллоҳ низ вуҷуд доштанд. Ғайр аз ин, ҳар андоз дар ҳар минтақа ба таври гуногун ситонида мешуд.

Дар давраи амир Абдулаҳад низ аз мардум андозҳои зиёд ситонида мешуд ва ин боиси сар задани ошӯбҳои халқӣ мегашт. Аммо масоили андозситонӣ дар замони амир Абдулаҳад дар як қатор

сарчашмаҳои таърих, хусусан асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ тамоман ишора нашудааст. Мушрифи Бухороӣ бошад, танҳо аз ҳаҷми андозҳои бекигарии Ҳисор, ки ба хазинаи амир месупориданд, ёдрас шудааст: «Аз хироҷи мулки Ҳисор як сад лак танга мешуд ва агар диҳанд, ниҳоят бисёр додагиашон дар як сол чаҳордаҳ лак танга доданд. Ҷаноби олӣ ҳам медонистанд, аммо бисёр риоят мекарданд, мардуми руъоёро роҷе кунанд»[11, с.664а]. Аммо ба андешаи мо ин ахбори Мушрифи Бухороӣ чандон саҳеҳ нест ва ӯ, бо вуҷуди он ки шоҳиди воқаҳои ин замон буд, ба хотири ҳифзи нуфузи амир Абдулаҳад ҳақиқати таърихро пинҳон доштааст. Аҳмади Дониш ва Мирзоазими Сомӣ низ аз андозҳои замони амир Абдулаҳад ёдовар нашудаанд.

Ҳамин тариқ, дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухороӣ масоили андозбандиву андозситонии замони ҳукмронии амирони манғитӣ чандон воқеъбинона ва муфассал зикр нашудааст, аммо баъзан ҷузъиёти ин масъала дар асарҳои зикршуда хеле хуб ба мушоҳида мерасанд. Сабаби ба таври васеъ инъикос наёфтани ин масъала дар рисолаҳои зикршуда аз як тараф хидматгорони дарбор будани муаллифон бошад, аз ҷониби дигар он аст, ки ин гуруҳи муаллифон ба инъикоси масоили сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, ин масъалаҳоро барканор гузоштаанд. Хусусан, Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба хотири пинҳон доштани фасодкорӣ ва ғоратгариҳои амирони манғитӣ қасдан масоили андозбандиро дар асари худ ғайривоқеӣ овардааст. Аммо дар ин маврид ахбори Садриддин Айнӣ. А. Арандаренко, Н. Хаников, Д.И. Логофет нисбат ба дигар манобеи таърихӣ ба ҳақиқат наздик аст. Яке аз сабабҳои воқеъбинона инъикос ёфтани ин масъала дар рисолаҳои муаррихони зикршуда дар он аст, ки муаррихони рус побанди синфи ҳукмрони аморати Бухоро набуда, ин масъалаҳоро бетрафона инъикос намудаанд. С. Айнӣ бошад, аз табақаи камбағалу деҳқони замони манғития буда, аз дарбор ҳеҷ манфиате надошт. Аз тарафи дигар ин асари худро дар даврае таълиф намуд, ки ҳукмронии амирони манғитӣ ба поён расида буд.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили ҷунбишҳои халқӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ»** қайд мегардад, ки дар манобеи таърихӣ оид ба ҷунбишҳои халқии замони ҳукмронии Муҳаммадраҳимхон, Дониёл атолиқ ва писараш Шоҳмурод маълумоти мушаххас зикр нашудааст. Аммо бино ба санади А. Дониш дар замони ҳукмронии Дониёл ҷабру зулм ба мардум аз ҳад

зиёд раво дида мешуд[4, с.20-21]. Эҳтимол меравад, ки Мирзо Абдулазими Сомӣ аз сар задани шӯришҳои халқӣ хабардор буд, аммо ба хотири нуфзи хонадони манғития ошӯбҳои халқиро пинҳон дошт. С. Айнӣ ошӯбҳои халқии он давраро аз мади назари худ дур мондааст. Ҳақиқат ин аст, ки дар давраи ҳукмронии Муҳаммадраҳимбий дар Осиёи Миёна парокандагии феодалӣ вуҷуд дошта, мудом ҷангу хунрезиҳо дар байни ҳокимони маҳаллӣ ба вуҷуд меомад. Аз ин сабаб эҳтимол меравад, ки шӯришҳои мардумӣ дар ин давра сар назадаанд ва ё ба вуҷуд омада бошанд ҳам, ҷудо намудани онҳо аз кашмакашиҳои феодалон дар манобеи хаттӣ ниҳоят мушкил аст. Дар замони ҳукмронии Дониёл атолиқ бошад, як қатор андозҳои нав ҷорӣ гардид, ки пардохти онҳо аз ҷониби мардум мушкил буд. Дар баробари ин, дар натиҷаи вусъат гирифтани парокандагии феодалӣ ва худсариҳои ҳокимони маҳаллӣ вазъияти мардум боз ҳам баттар шуд. Мардум ба ҳамаи ин тоқат накарда, борҳо дар Бухоро шӯриш бардоштанд[16, с.90].

Аз адабиёти илмӣ ва дигар манбаъҳо бармеояд, ки дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар шӯришҳои халқӣ сар задааст. Яке аз калонтарин шӯришҳо дар соли 1810 дар Бухоро мебошад. Сабаби асосии шӯриш ин хунукии аз ҳад зиёд ва аз 1 апрел то 16 майи боридани барфи зиёд мебошад[21, с.365], ки ба ҳосили зироату ғалладонагии мардум зарари калон оварда. Ин боиси баланд шудани нархҳои маҳсулот дар бозорҳо, гуруснагӣ, дуздӣ ва дигар бетартибҳо гардид. Қисме аз мардуми шаҳр маҷбур шуданд, ки шаҳрро тарк кунанд. Ҳукумати амирӣ бошад, дар ин хусус ҳеҷ гуна тадбир наандешид. Мардуми шаҳр дар Регистони Бухоро ҷамъ шуданд, ки амир Ҳайдар аз ин вазъияти ба амаломада тарсида, аз шаҳр фирор намуд[16, с.128], аммо фармон дод, ки бо мақсади зиёрати мазори Шайх Баҳоуддин шаҳрро холӣ кунанд. Мансабдорони амир пас аз ин ба кофтукоби хонаҳои мардум даромада, миқдори нон ва дигар хурокворихои дарёфткардаашонро ба мардуми гурусна фурӯхтанд, ки нархи як батман ба панҷ танга баробар буд. Дар ҳамин вақт кӯчманчиҳо ба Бухоро омада (қаракалпокҳо ва қазоқҳо) дар ҷустуҷӯи хӯрок шуда, аз шаҳр рафтанд, ки сеяки мардуми муқимӣ бо онҳо низ ҳамроҳ шуданд[21, с.365].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ, хусусан дар рисолаҳои таърихии Муширифи Бухороӣ, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон ошӯбҳои халқӣ дар замони салатанати амир Насрулло (1826-1960) иникос нашудааст. Дар дигар адабиёти

илмӣ ва таърихӣ низ шӯришҳои халқӣ дар Бухоро дар ин давра ба назар намерасад.

Ибтидои солҳои 60-уми асри XIX дар ноҳияҳои Рушон, Шуғнон ва Вахони Бадахшон, ки мулкҳои ниммустақил ба ҳисоб меёфтанд, шӯриш сар зад. Рафти ин шӯриш дар сарчашмаҳои таърихии дар боло зикршуда инъикос наёфтааст. Ҳатто дар асарҳои «Таърихи Бадахшон»-и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ[12] ва «Таърихи Бадахшон» - и Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон[6, с.177], ки махсус ба замони салтанати мирони Бадахшон бахшида шуда ва ҳодисаҳои сиёсии асри XVIII-ибтидои асри XX-ро дар бар мегиранд, инъикос наёфтааст.

Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи Б. Ғуфуров ба шӯрише, ки солҳои 60-ум дар ноҳияҳои Рушон, Шуғнон ва Вахон сар зад, Шайхзодаи Рушонӣ роҳбарӣ мекард. «Шӯришгарон нишемангоҳи мири Рушон Қалъаи Вомаро ба даст даровардand. Сипас онҳо ба сӯйи қароргоҳи ҳокими Шуғнон Қалъаи Барпанҷ ҳаракат карда, қӯшуни онро торумор намуданд»[16, с.130]. Шӯришгарон молу амволи аз ҳокимон дастраскардаашонро дар байни худ тақсим карданд. Аммо дере нагузашта ҳукмрони кулли Бадахшон ба Помири Ғарбӣ қувваи зиёди ҳарбӣ равон кард, ки шӯришро пахш карданд[16, с.130].

Соли 1871 дар шаҳри Ғузори Зарафшон бо иштироки беш аз 20 ҳазор нафар ва дар Қаршӣ бо сабаби гуруснагӣ ошӯбҳои халқӣ сар заданд, ки сабаби асосияшон гуруснагӣ буд. Ин шӯришҳо низ ба зудӣ пахш карда шуданд[16, с.211].

Бо сабабҳои дар боло зикршуда соли 1872 дар Хуҷанд ва соли 1873 дар деҳаи Пашии Уротеппа шӯришҳо сар заданд. Ҳамчунин, соли 1875 дар Уротеппа юриши мардумӣ аз нав оғоз шуд. Соли 1880 бошад, дар Хуҷанду Уротеппа боз ошӯб сар зад, ки сабаби ин тарзи нодурусти андозситонӣ буд. Пас аз пахши ошӯб сарварони он Раҳмонқулҳоҷӣ, Тиллоҳоҷӣ Миркомилбой ва дигарон ба ҳабс кашида шуданд[16, с.212].

Шӯришҳои хурду бузург дар деҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳо тез -тез сурат мегирифт. Масалан, дар солҳои 1885-1886 дар ноҳияҳои Шӯробод, Муъминобод, Кӯлоб, Ҳисор, Балҷувон ва ғайраҳо шӯришҳо ба амал омад. Вазъияти мардум дар минтақаи Кӯлоб ва бекигарии Балҷувон ниҳоят вазнин буд. Мардум ба ҷабру зулми ҳукумати амирӣ ва амалдорони он тоб наоварда, соли 1885 дар Муъминободи бекигарии Кӯлоб шӯриш бардоштанд.

Дар чунин шароит дар заминаи дигар ошӯбҳои халқӣ дар

бекигарии Балҷувон шӯриши калони халқӣ сар зад. Ин шӯриш дар таърих бо номи сарвари он, яъне «Шӯриши Восеъ» маъруф буда, бар зиди ҷабру зулми ҳукумати Бухоро, бек, бойҳо, амлокдорон ва дигар мансабдорон ба вуҷуд омада, тамоми ҳудуди ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Сари Хосор, Кӯлоб ва дигар минтақаҳоро фаро гирифт[19, с.408]. Аммо ин шӯриш дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос нашудааст.

Ҳамин тариқ шӯру ошӯбҳои залқие, ки дар замони ҳукмронии амирони манғитӣ бар зидди зулми амирон, бекҳо ва дигар мансабдорони ҳукуматӣ сар задаанд, дар сарчашмаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX инъикос наёфтаанд. Ҳарчанд муаллифон қисме аз онҳо, ки аз хидматгузорони дарбор буданду аз ин воқеаҳо хабар доштанд, аммо натавонистанд ин воқеаҳоро, ки бар зидди зулму бедодгариҳои амирони манғитӣ сурат мегирифтанд, сабт намоянд. Ҳамчунин, ҷунбишҳои халқӣ дар асарҳои саёҳон ва низомиёни рус низ мушаххас зикр нашуда, асли воқеаҳо дар адабиёти илмӣ инъикос шудааст.

Зербоби сеюми боби сеюми рисола **« Вазъи фарҳанги аморати Бухоро дар осори муаррихони замон « мебошад.** Дар баробари дигар масоили таърихи ҳаёти мадании аморати Бухорои нимаи дуюми асри XVIII –ибтидои асри XX дар манобеи хаттӣ то андозае инъикос ёфтааст. Хусусан, масоили мактабу маориф дар рисолаҳои таърихии Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоройӣ, Мирзо Аблуазими Сомӣ чандон воқеъбинона ва равшан инъикос наёфтааст. Ягона манбае, ки ахбори ӯ боиси эътимод мебошад, рисолаи «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Садриддин Айнӣ аст. Айнӣ бо вуҷуди он ки ин масъаларо пурра тасвир накардааст, аммо то андозае муносибати ҳукумати амириро бо донишмандон воқеъбинона нигоштааст. Ҳамчунин, аз омӯзиши манбаъҳои хаттӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аҳди амир Музаффар низ дар Бухоро мактабу мадрасаҳо вуҷуд доштанд, аммо сатҳу сифати таълим дар шароити паст қарор дошта, касе ба ин масъала эътибори ҷиддӣ намедод. Бисёр донишмандон ба таъқиби амалдорон, хусусан амир гирифтор шуда, аз Бухоро фирор менамуданд.

Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ба монанди Мушрифи Бухоройӣ дар бораи ҳаёти фарҳангӣ, хусусан илму маорифи даврааи минбаъдаи ҳукмронии амирони манғитӣ маълумот надодаанд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Сайдриддин Айнӣ дар ин бора маълумоти бештаре овардаанд. Бино ба ахбори Гулшанӣ дар дохили шаҳри

Бухоро 199 адад мадраса, ғайр аз Гурхона ва Хонақоҳ мавҷуд аст, ки дар он панҷоҳ ҳазор нафар толибилм истиқомат мекунад[9, с.47]. Гулшанӣ теъдоди толибилмонро чунин овардааст: «Аз тоифаи аҳли илм ва ҳофизи Каломи Раббонӣ теъдоди онҳо аз қарори зайл аст: ҳазор нафар талабаи даҳякдор ва яксаду панҷоҳ адад «салавот»-хон, ки «Саҳеҳ»-хон сӣ нафарӣ, панҷ ҷамоа ва дусаду чил нафар ҳофизи Калому-л-Лоҳ, ҷамъ як ҳазору сесаду навад нафар аз талаба ва қорӣ аз давлат муваззафанд»[9, с.48]. Бино ба ахбори Гулашнӣ дар ҳар як маҳаллаи Бухоро мактабҳои ибтидоӣ аст, ки шумораашон ба 196 адад мерасид ва дар он муаллимон дарс мегӯянд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ маоши муаллимони макотиби ибтидоӣ ва илмҳои замонро, ки дар мадрасаву мактабҳо таълим медоданд, ёдовар намешавад. Аммо Садриддин Айнӣ, ки ба монанди Содиқхоҷаи Гулшанӣ шоҳиди воқеаҳои ин давра мебошад, менависад, ки «Дар аҳди амир Абдулаҳад уламо ба эътибори аксарият ҳама мансабдӯст ва ҷоҳпараст буданд»[2, с.113]. Бино ба андешаи ӯ амир Абдулаҳад уламо ва талабагони мадрасаро дар ихтиёрӣ қозӣ Бадриддин гузошт, ки ӯ ин ҳамаро дар итоати худ даровард ва дар мадрасаҳо низ дарс мегуфт. Ҳар толибилме, ки дар дарсҳои ӯ фаъолона иштирок мекард, соҳиби ҷоҳу мансаб мегашт...

Садриддин Айнӣ дар асари дигари таърихии худ «Таърихи инқилоби Бухоро» ба масоили илму мактаб диққати хоса дода, ин масъаларо ба таври васеъ овардааст. Мувофиқи ахбори ӯ дар ин давра дар мадрасаҳои Бухоро илмҳои динӣ, ба монанди Қуръон, ҳадис, тафсир ва усули фиқҳ барин қоидаҳои асосии шариат, дар қисми таърих сияри набӣ (шарҳи ҳоли пайғамбарон), тарҷумаи аҳволи салаф (гузаштагон) ва табақот барин илмҳои ибратомӯз ва илмҳои дунявӣ ба монанди ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб, ҳикмати табиия, мантиқ, шеър ва адабиёт омӯхта мешуданд[3, с.9]. Мувофиқи иттилои ҳамин манбаъ муллоҳои онвақтаи Бухоро аз асли дини ислом хабардор буда, аз номи шариат ҳар фанро ҳаром нашуморида, ҳар касро такфир намекарданд[3, с.9].

Пас аз истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Руссия роҳ ба ҷониби Руссия ва Аврупо кушода шуд. Яъне, ин имконият дод, ки мардум ба он кишварҳо сафар карда, аз рушду тараққиёти дигар кишварҳо дидан намоянд. Зери таъсири фарҳангу маданияти кишвари Русия ва кишварҳои Аврупо дар Бухоро тағйиротҳо ба вуҷуд омад. Асосан равшанфикрон пайдо шуданд, ки сохти пусидаи аморати Бухоро танқид ва тарзи зиндагии аврупоиро мехостанд. Бинобар ин, дар

Бухоро соли 1900 бо ташаббуси Ҷурабой Пирамастӣ аввалин мактаби усули нав ташкил карда шуд, аммо ин мактаб дер давом накарда барҳам хӯрд. Аз соли 1908 мактабҳои усули нав пайдо шудан гирифтанд, ки ба ҳукумати амирӣ писанд намеомаданд. Зеро ин мактабҳо зинаи аввали ҳаракатҳои инқилобӣ ва озодӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Ҳамин тариқ, вазъи мактабу маориф дар Бухорои замони ҳукмронии манғития дар асарҳои «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухоройӣ, «Рисола ё мухатасаре аз таърихи салтанати амирони манғитӣ»-и Аҳмади Дониш, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, «Таърихи ҳумоюн»-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва дигар муаррихони дарборӣ ба таври пурра инъикс нашудааст. Масоили мазкур дар рисолаҳои таърихии Садриддин Айнӣ ва Н. Хаников тасвири бештари худро ёфта, ахбори онҳо ба ҳақиқат наздиканд.

ХУЛОСА

1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Аз натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи воқеаҳои аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, таҳлилу баррасии ахбори дигар манобеи хаттӣ ва осори илмӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

1. Омӯзиш ва таҳлилу баррасии воқеаҳои таърихии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, ки дар баррасии масоили таърихии асрҳои зикршуда сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ дониста мешаванд, зарур аст.

2. Муҳаммадвафои Карминагӣ, Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоройӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ аз зумраи донишмандон ва муаррихони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX буда, (ба ғайр аз С. Айнӣ) дар дарбори амирони манғитӣ хидмат намуда, ба навиштани таърихи сулолаи манғития машғул шуданд. Дар осори онҳо масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии аморати Бухоро, инчунин дигар масоили таърихии марбут ба асрҳои зикршуда ба таври мухталиф инъикос ёфтаанд.

3. Бисёре аз муаррихони зикршуда, аз ҷумла Муҳаммадвафои Карминагӣ, Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухоройӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар таълифи асарҳои худ бештар аз асноди давлатии дарбори манғитиён истифода карда, дар бештари мавридҳо ба амирони манғитӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Садриддин Айнӣ

бар хилофи дигар муаррихон масоили таърихиро кушода ва бетрафона инъикос намудааст. Дар маҷмуъ манбаъҳои хаттии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар омӯзиши ҳаводиси таърихии Бухоро сарчашмаҳои муҳим буда, баррасии ахбори онҳо ба ҳалли бисёр масоили норавшани таърихӣ мусоидат менамоянд.

4. Таърихи ба сари ҳокимият омадани Муҳаммад Раҳимбий дар асарҳои Аҳмади Дониш ва Мушрифи Бухороӣ инъикос нашуда, ин масъала дар асарҳои «Туҳфату-л-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ инъикоси бештари худро ёфтааст. Аммо Муҳаммадвафои Карминагӣ дар инъокиси таърихи ҳукуматдории Муҳаммад Раҳимбӣ ҳақиқатро пинҳон дошта, ба ӯ таваҷҷуҳ намудааст. Ин масъала аз ҷониби Мирзо Абдулазими Сомӣ ва С. Айнӣ воқеъбинона ба қалам дода шудааст.

5. Аз натиҷаи омӯзиши осори хаттӣ натиҷагирӣ карда шуд, ки Раҳимбӣ ба хидмати Нодиршоҳ пазируфта шуда, ҳангоми сар задани шӯриш дар Каттақурғон бар зидди Абулфайзхон ба Бухоро омада, онро пахш ва Абулфайзхонро дар Бухоро ба қатл расонда, ҳокимиятро ба даст гирифт. Ӯ пас аз қатли ду писари Абулфайзхон - Абдулмуъмин ва Убайдулло ба ҳукуматдории Аштархониён хотима гузошт.

6. Замони салтанати Дониёл атолиқ дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ нисбатан равшан тасвир шудааст. Аз ахбори онҳо бармеояд, ки дар ин давра фискҷ фасод ва ҷабру зулм аз ҳад зиёд шуда, парокандагии феодалӣ қувват гирифт.

7. Ҳодисаҳои таърихии Бухоро дар замони ҳукмронии Шоҳмурод бештар дар рисолаҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухороӣ ва Мирзо Абдулазими Сомӣ инъикос ёфта бошанд ҳам, вале муаллифон вобаста ба мавқеи иҷтимоии худ дар инъикоси баъзе воқеаҳо ҳақиқати таърихиро ошкоро нагуфтаанд. Инъикоси вазъи замон дар осори Садриддин Айнӣ нисбат ба дигар манбаъҳои хаттии ба ин давра тааллуқдошта ба ҳақиқат наздиктар аст [1-М].

8. Муайян карда шуд, ки Шоҳмурод пеш аз ба сари ҳокимият омаданаш бо риёкориҳои худ таваҷҷуҳи бисёр аз уламои динӣ ва мардумиро ба худ ҷалб карда буд. Дар замони ҳукмронияш ӯ се маротиба ба шаҳру навоҳии ҳамҷавор лашкар кашид, ки дар натиҷа бисёр аз шиамазҳабони Марвро ба қатл расонида, 30 ҳазор нафар аз онҳоро ҳамчун асир ба Бухоро оварда [1-М].

9. Вазъи сиёсии таърихии Бухоро дар замони ба сари ҳокимият омадани амир Ҳайдар дар рисолаи «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухорой ба таври мукаммал инъикос наёфта бошад ҳам, асарҳои А. Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Садриддин Айнӣ онро аз ҳар ҷиҳат пурра намудаанд [3-М].

10.Дар бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла асарҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухорой ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳаводиси таърихии Бухоро дар замони ҳукмронии Насруллоҳ воқеъбинона инъикос наёфта, ин гурӯҳи муҳаққиқон ба амир Насруллоҳ аз ҳад зиёд таваҷҷуҳ намуда, ҳақиқатро пинҳон дошта, Насруллоро ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар нишон додаанд [2-М].

11. Дар замони ҳукмронии амир Насрулло мардуми Бухоро ҷабру зулми аз ҳад зиёд диданд. Насрулло зимни лашкаркашиҳо харобиҳои зиёд ба бор меовард, мардумро бо андак гуноҳ ба қатл мерасонд [2-М].

12.Аз омӯзиши манобеи таърихӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки амир Музаффар дар аввали ҳукмронии худ ба хотири ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар нишон додани худ каме ҳадди инсофро риоя кард. Аммо ӯ ин ҳолати сохтаро дер нигоҳ дошта натавонист, балки мардуми зиёдро ба қатл расонда, бештар ба ишқварзӣ машғул мешуд. Ҳамзамон ба Ҳисор, Қуқанд, Кӯлоб, Балҷувон ва Қаротегину Дарвоз лашкар кашид, хароибиҳои зиёд овард [5-М].

13.Баррасии ахбори манобеи хаттӣ ба исбот расонд, ки дар солҳои ҳукумронии амирони манғитӣ вазъи сиёсии мамлакат хароб буда, мардум аз ҳад зиёд зери ҷабру зулми амирон қарор мегирифт [5-М], [7-М].

14.Дар рисолаҳои Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухорой, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ҳаёти кишоварзии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX ҷой доранд, аммо дар онҳо муаллифон бештар ба ҳаёти сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Масоили мазкурро муҳақиқиони рус Н. Хаников ва Д.Н. Логофет бештар инъикос намудаанд, ки дар тақвият ба ахбори муаррихони маҳаллӣ манбаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

15.Зимни таҳқиқот маълум шуд, ки дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар шаҳру навоҳии аморати Бухоро кишту кори ғаладона, аз ҷумла гандум, ҷав, кунҷит, наск, нахуд ва дигар навъҳои зироат, инчунин Дигар навъҳои зироатҳои техникӣ, ба

монанди пахта, биринҷ, ҷуворимакка, зироатҳои гуногуни полезӣ ва ғайраҳо ҳам дар заминҳои лалмӣ ва ҳам обӣ сурат мегирифт [6-М].

16.Тарзи коркарди замин, олотҳои меҳнат ва масоили обёрии заминҳои кишоварзӣ дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар асарҳои муаррихони тоҷик, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Мушрифи Бухорой, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ зикр нашудааст. Н. Хаников ва Д.Н. Логофет дар ин бора бештар маълумот додаанд [6-М].

17.Масоили касбу ҳунари мардуми Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Мушрифи Бухорои зикр нашуда, Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Садриддин Айнӣ ба ин масъала ишора намудаанд, аммо маълумоти онҳо низ пурра ва қаноатбахш нест. Ҳунармандии аморати Бухоро дар адабиёти илмӣ инъикоси бештари худро ёфтааст. Муайян шуд, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ шаҳри Бухоро дар маркази роҳи корвонгарди савдои Осиёи Миёна бо Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Руссия қарор буда, ҳунармандон мекушиданд баҳри истеҳсоли молҳои босифат ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори хориҷӣ истеҳсол намоянд. Бинобар ин, дар Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он аҳолӣ дар баробари хоҷагидориву деҳқонӣ ба дуредгарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, дузандагӣ, бофандагӣ, табоҳӣ, косибӣ, заршӯӣ, рехтагарӣ, кандакорӣ, алочабофӣ, кордсозӣ, қуфлсозӣ, муҳраканӣ ва ғайраҳо машғул мешуданд.

18.Масоили савдои дохилӣ ва хориҷии аморати Бухоро дар асарҳои А. Дониш, С. Айнӣ, С. Гулшанӣ, Н. Хаников ва И. Логофет бештар инъикос ёфтааст, ки ахбори онҳо ба ҳам монанд ва ба ҳақиқат наздиканд.

19.Нишондиҳандаҳои андозситонии замони салтанати амир Музаффар дар «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухорой ба таври васеъ инъикос шуда, ахбори ӯ дар ин хусус нисбат ба дигар манобеи таърихӣ воқеият дорад.

20.Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX дар аморати Бухоро зиёда аз 40 навъи андозҳо ҷорӣ буд, ки андозҳои хироҷ, закот ва дигар навъҳои он ҳаҷми муайян надошта, ба қонунҳои шариат мувофиқат намекард ва меъёри онҳо ба хоҳиш ва нафси шахсони мансабдор вобаста буд.

21.Дар давраи ҳукмронии дигар амирони манғитӣ масоили андозситонӣ дар асарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ,

Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва Мушрифи Бухороӣ ба таври умумӣ қайд шудааст, ки қаноатбахшкунанда набуда, муаллифон бо вуҷуди огоҳ будан аз ҳақиқати таърих ин масъаларо рӯйпуш намудаанд. Ахбори ба ҳақиқат наздик дар асари С. Айнӣ, Н. Хаников ва И. Логофет дарҷ мегардад.

22.Ҷунбишҳои халқӣ дар рисолаҳои таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX ба таври муфассал зикр нашуда, ин масъала дар адабиёти илмӣ бештар инъикоси худро ёфтааст. Аз натиҷаи таҳқиқот маълум шуд, ки сабаби асосии шӯришҳо андозҳои гарон, ҷабру ситами амирони манғитӣ бар мардум ва ноадолатии ҳукуматдорон буд [7-М], [5-М].

23.Инъикоси ҳаёти фарҳангии замони салтанати Муҳаммад Раҳимбий ва Дониёл атолиқ дар манобеи хаттӣ зикр нашудааст.

24.Вазъи илму маориф дар давраи ҳукмронии Шоҳмурод ва амир Ҳайдар дар асарҳои Мирзо Абдулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ зикр шуда, ахбори муҳаққиқи рус Н. Хаников ин масъаларо тақвият мебахшад [1-М], [3-М].

25.Инъикоси вазъи мактабу маорифи давраи ҳукмронии амир Абудлаҳад ва амир Олимхон, ки ҳаёту фаъолияти Мушрифи Бухороӣ низ ба ҳамин давра рост меоаяд, дар асари ӯ қасдан инъикос нашудааст. Масоили мазкур дар рисолаҳои таърихии Садриддин Айнӣ: «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» тасвири бештари худро ёфтааст.

26.Намояндагони барҷастаи илму адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX дар манобеи хаттӣ ба чашм намерасанд, аммо дар натиҷаи таҳқиқи адабиёти илмӣ маълум шуд, ки А. Дониш, Шамсиддини Шоҳин (1866-1895), Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902), Раҳматуллоҳи Возеҳ (1817-1894), Садриддин Айнӣ ва дигарон аз намояндагони барҷастаи адабиёти замони зикршуда мебошанд.

2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:

Натиҷаҳои диссертатсияро зимни омӯзиши масоили сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии аморати Бухоро, Бухороӣ Шарқӣ ва дигар шаҳру навоҳии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX истифода кардан мумкин аст. Дар баробари ин натиҷаҳои диссертатсияи мазкур метавонанд барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи охири давраи асримиёнагии халқи тоҷик, таърихи Осиёи Марказӣ дар асрҳои миёна, таҳлил ва омӯзиши сарчашмаҳои хаттии таърихии нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX; ҳангоми омӯзиши курсҳои махсус ва таҳияи китобҳое, ки

ба ҳаводиси таърихии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX, хусусан таърихи ба сари ҳокимияти Бухоро омадани сулолаи манғития, тарзи ҳукмронии амирони манғитӣ, лашкаркашиҳои онҳо ба шаҳру кишварҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳаёти иҷтимоиву иқтисоддӣ ва фарҳангӣ ҳамчун маводи иловагӣ ва ёридиҳанда истифода шаванд.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Изатов Ю.М. Таърихи ба сари ҳокимият омадани амир Шоҳмурод тибқи ахбори Муширифи Бухорои. [Матн] // Изатов Ю.М. / Муаррих. Маҷалаи илмӣ - назариявии Институти тиърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ – 2021 - №2 (26). С. 86-91.

[2-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси ба сари ҳокимият омадани амир Насруллоҳ дар «Таърихи амирони манғитӣ» -и Муширифи Бухорой. [Матн] // Изатов Ю.М. / Муаррих. Маҷалаи илмӣ - назариявии Институти тиърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ – 2022 - №1 (29). С. 107-113.

[3-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси ба сари қудрат омадани амир Ҳайдар дар «Таърихи амирони манғитӣ» -и Муширифи Бухорой. [Матн] // Изатов Ю.М. / «Номаи донишгоҳ» – и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. - 2025 - №3 (83). С. 64-67.

[4-М]. Пирумшоев Ҳ., Изатов Ю.М. Инъикоси вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX. [Матн] // Изатов Ю.М. / «Паёми политехникӣ» -и бахши техника ва ҷомеаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ. - 2026 - №2 (14). С. 48-52.

II. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[5-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси шӯриши Восеъ дар сарчашмаҳои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ». Колеҷи техникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ12. 04. соли 2024. Душанбе – 2024. С.42-48.

[6-М]. Изатов Ю.М. Инъикоси вазъи кишоварзии Бухоро дар замони амирони манғитӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ

- амалӣ дар мавзуи «Нақши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар омодасозии кадрҳои баланд ихтисоси миёнаи касбӣ». Колеҷи техникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ 27. 04. соли 2026. Душанбе – 2026. С.192-201

[7-М]. Изатов Ю.М. Инъкоси шуришҳои Қаландаршозҳ ва Усмон дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзӯи «Нақши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар омодасозии кадрҳои баланд ихтисоси миёнаи касбӣ». Колеҷи техникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ 27. 04. соли 2026. Душанбе – 2026. С.201-205.

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОЛОГИИ ИМЕНИ А. ДОНИША

УДК: 9 (575.1)

На правах рукописи

ИАТОВ ЮСУФБЕК МИРАЛИЕВИЧ

БУХАРСКИЙ ЭМИРАТ В ТРУДАХ ИСТОРИКОВ СО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XVIII — НАЧАЛА XX ВЕКА

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученной степени доктора философии (PhD) по специальности 6D020300 — «История» (6D020303 — «Историография, источниковедение и методы исторических исследований»)

Душанбе – 2026

Диссертация была подготовлена в отделе истории древнего мира, средних веков и нового времени Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана.

Научный руководитель:	Хайдаршо Пирумшоев — доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана.
Официальные оппоненты:	Мирзозода Тоджиддин Мирзоали — доктор исторических наук, профессор кафедры историографии и архивоведения исторического факультета Таджикского национального университета. Назаров Фахриддин Алланазарович — кандидат исторических наук, доцент кафедры всеобщей истории историко-юридического факультета Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова.
Ведущая организация:	Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрава

Защита состоится .7 января 2026 г. 13^{00} часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-093 при Институте истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана (Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33) и на официальном сайте Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана (www.institute-history.tj).

Автореферат разослан «_____» _____ 2026 года

Ученый секретарь
диссертационного совета,
доктор философии (PhD)
по специальности история **Мирзоев Ш.Дж.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Письменные источники и материальные артефакты отражают политическую, социальную, экономическую и культурную жизнь любого народа или нации на различных исторических этапах. Изучение и анализ письменных памятников являются важнейшей задачей национальной историографии и позволяют пролить свет на прежде малоизвестные страницы истории.

Значимые политические, экономические, социальные и культурные аспекты жизни Бухары в период со второй половины XVIII века по начало XX века зафиксированы в многочисленных письменных источниках. Опираясь на сведения, содержащиеся в этих документах, можно исследовать конкретные вопросы и темы.

Письменные источники, отражающие историю Бухары со второй половины XVIII до начала XX века, включают « Туҳфат-ул-хонӣ» Мухаммада-Вафы Карминаги, «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салатанати манғития» Ахмада Дониша, «Тухфаӣ Шоҳӣ» и «Таърихи салотини манғития» Мирзо Абдулазима Соми Бустони, «Таърихи амирони манғити Бухоро» Мушрифи Бухари, «Таърихи ҳумоюн» Содикходжи Гульшани, «Таърихи мирони манғитияи Бухоро» Садриддина Айни и другие.

Некоторые авторы этих письменных источников были придворными чиновниками эмиров из династии Мангытов, тогда как другие были частными лицами, — и это обстоятельство неизбежно сказывалось на содержании их трудов. Наряду с сочинениями современников-историков, крайне важно также изучать свидетельства и путевые заметки иностранных путешественников.

В трудах придворных историков события, происходившие в Бухарском эмирате со второй половины XVIII века до начала XX века, освещаются с особым акцентом на период правления эмиров из династии Мангытов. Авторы, принадлежавшие к другим социальным слоям, рассматривали исторические вопросы со своих собственных позиций. В связи с этим сравнительный анализ их свидетельств имеет большое значение для установления того, какие именно исторические события имели место в период со второй половины XVIII века по начало XX века.

Хорошо известно, что труды историков прошлого неоднократно анализировались исследователями как достоверные источники. Тем не менее, до сих пор не появилось историографической работы, в

которой была бы дана научная оценка значимости этих авторов как источников или их роли в отражении реалий соответствующих эпох — обстоятельство, подчеркивающее актуальность данной проблемы. В связи с этим следует отметить, что изучение подобных первоисточников, наряду с анализом существующих научных исследований по данной тематике, может быть эффективно осуществлено лишь при условии применения сравнительного и критического методов — при строгом соблюдении принципов исторической достоверности, — что позволит занять значимое место в системе историографического знания. В современной историографии все большее признание получает значимость освещения событий в Бухарском эмирате в трудах историков, живших в период со второй половины XVIII до начала XX века.

Состояние изученности научной темы. Как уже отмечалось, Бухарский эмират — в том виде, в каком он представлен в трудах историков второй половины XVIII — начала XX века, — еще не подвергался всестороннему историографическому анализу. Впрочем, это вовсе не означает, что исследователи обходили данную тему вниманием. Ученые публиковали статьи, в которых рассматривалось историческое значение различных исторических сочинений того периода. Так, видный таджикский ученый Абдулгани Мирзоев, осознавая историческую ценность труда Ахмада Дониша «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» («Трактат, или Краткая история правления династии Мангытов»), в 1963 году подготовил транскрипцию этого текста на основе кириллической графики. Однако во введении этот исследователь сосредоточивается прежде всего на обнаруженных рукописях данного произведения, разъясняя и описывая их характерные особенности [25, с. 5–12].

Джуразода Джамшед и Нурулло Гиёсов, которые в 2017 году подготовили первое издание труда Мухаммадвафо Кариминаги «Туҳфат-ул-хонӣ» (на кириллице, с предисловием и научно-критическим аппаратом), отмечают во вступительной статье под названием «Вазъи сиёсии хонигарии Бухоро дар замони зуҳури хонадони манғития», что данное сочинение является «первым и древнейшим историческим источником, касающимся правления династии Мангытов в Бухаре» [38, с. 11].

В своей статье Ахмад Ходжизода рассматривает историческую значимость трактата «Туҳфаи шоҳӣ», автором которого является Мирзо Абдулазим Соми, и характеризует его как важный

исторический источник. В частности, он отмечает, что «Туҳфаи шоҳӣ» — едва ли не один из немногих источников, в которых упоминаются географические пункты, находящиеся на территории современного Таджикистана [37, с. 6]. Кроме того, Ходжизода анализирует литературный стиль этого сочинения, подчеркивая: «Несмотря на наличие арабских слов и выражений — обычных для текстов авторов и историков прошлого и, безусловно, часто встречающихся в данном труде, — Мирзо Абдулазим Соми излагает события, используя весьма отточенный и плавный литературный язык, в который он также вплетает элементы диалекта, свойственного жителям Бухары» [37, с. 8].

Сведения из ряда исторических источников, созданных бухарскими авторами в период со второй половины XVIII века по начало XX века, широко использовались исследователями, изучавшими исторические события этой эпохи. К числу таких исследователей относятся Б. Искандаров [18, 19], И. А. Стеценко [33], А. Сухарева [34], авторы коллективного труда «История таджикского народа» [22], а также А. Маджлисов [24], Б. Гафуров [16], Г. Тухтаметов [35], К. З. Хакимова [36], Б. Исмоилова [17], Г. Гоибов [4], Х. Пирумшоев [26,27,28,29,30] и другие; кроме того, эти источники нашли отражение в фундаментальном издании «История таджикского народа» [21]. Так, Г. Гоибов опирается на сведения из «Таърихи амирони манғити Бухоро» («История мангитских эмиров Бухары») Мушриф-и Бухороя о военных походах эмира Насрулло на Балх, Гиссар и Куляб. Поскольку Мушриф-и Бухорои не зафиксировал в своей работе дату этого вторжения Насрулло, Г. Гоибов приходит к выводу, что «возможно, этот поход эмира Насрулло против Хисора и Куляба произошел — по каким-то причинам — после 1842 года, и Насрулло назначил правителем Хисора Абдукарим-бия Девонбеги — брата вышеупомянутого суфия-бия» [17].

Политические, социальные, экономические и культурные аспекты исторических событий в Центральной Азии — и в частности в Бухарском эмирате — во второй половине XVIII — начале XX века нашли отражение в трудах различных исследователей как советского, так и постсоветского периодов. К ним относятся «История Узбекской ССР» [23], «История таджикского народа» [22] и фундаментальный труд «История таджикского народа» [21], а также исследования Б. Гафурова [16], Б. Искандарова [18], И. А.

Стеценко [33], А. Сухаревой [34], А. Маджлисова [24], Г. Тухтаметова [35], К. З. Хакимовой [36], Б. Исмоиловой [20], Г. Гоибова [17], Х. Пирумшоева [26,27,28,29,30] и других.

В своих трудах «Таджики» и «Краткая история таджикского народа» Бободжон Гафуров уделяет особое внимание политическим, социальным, экономическим и культурным вопросам жизни Центральной Азии — и в частности Бухарского эмирата — во второй половине XVIII и начале XX века. Академик Б. Гафуров дает четкий анализ этого периода, когда в Бухаре правила династия Мангытов; описывая приход к власти первого представителя этого рода, он пишет: «В 1747 году, вскоре после убийства Надиршаха, Мухаммад Рахим-бий приказал казнить Абулфейз-хана и двух его сыновей. Опираясь на поддержку знати и духовенства, он взошел на престол Бухарского ханства и в 1753 году основал династию Мангытов» [16, с. 208]. Кроме того, Б. Гафуров рассматривает политические вопросы, конфликты между правителями, приход к власти других представителей династии Мангытов, а также причины вторжения царской России в Среднюю Азию. Он также освещает положение широких слоев населения, состояние сельского хозяйства, систему налогообложения, развитие ремесел и торговли, народные движения — включая причины их возникновения — и другие исторические аспекты, относящиеся к рассматриваемому периоду. Согласно результатам его исследований, положение народа при эмирах из династии Мангытов было крайне тяжелым и не улучшилось даже после вторжения царской России. В частности, многочисленные налоги поставили трудовое население на грань разорения [16, с. 208]. Б. Гафуров отмечает, что «главной причиной восстаний, охвативших все бекства (округа) Бухары, было то, что налоги и сборы взимались жестокими методами; и без того непосильное налоговое бремя росло с каждым днем, а к уже существующим налогам добавлялись новые. Помимо новых налогов, введенных в масштабах всего эмирата, взимались еще и местные сборы; зачастую один и тот же налог собирали по нескольку раз, а амлокдары (сборщики налогов / управляющие земельными угодьями) повсеместно злоупотребляли своим положением ради личной наживы — и так далее» [16, с. 208].

В своей работе «Аз таърихи аморати Бухоро» Б. Искандаров рассматривает политические вопросы, касающиеся Восточной Бухары после её включения в состав Бухарского эмирата. Автор

